МУҶАССАМАИ ҲОФИЗ ДАР ХОНАИ ДЕҲҚОН с. 13

РУШДИ ДУШАНБЕ ДАР РАҚАМҲО с. 7

5 РОҲБАРИ КАЛОНСОЛТАРИНИ ҶАҲОН с. 4

ТОҶИКИСТОН

№42 (1655), 15.10.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992





ИМТИЁЗҲО барои МУАЛЛИМОН

дар асоси қонун
«Дар бораи
мақоми омӯзгор»



ДАР ИН ШУМОРА:

ДУШАНБЕ
Ба ИДМ ҷони дубора бахшид с.3

ШЕРАЛӢ КАБИР:
Тоҷикистон 6 фулузоти нодир истеҳсол мекунад… с.5

ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ
Душанбе мизбони дуюмин форуми байналмилалӣ с.8

ДУ ТУҲФАИ ПУТИН
Аз “Тоҷикон” то “Дӯстони тоҷик” с.8

НОБЕЛ
Ҷоизаеро, ки Трамп интизор буд, Мачадо гирифт с.4

ДУ ТОҶИК
Дар рӯйхати беҳтарин олимони ҷаҳон с.10

МАРКО РАҶИНӢ
Меъмори ояндаи футболи тоҷик с.15

РАДИКУЛИТ
Роҳҳои пешгирӣ ва табобати он с.13

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ТОҶИКИСТОН МАКОНИ БОЭЪТИМОДИ САРМОЯГУЗОРӢ

14-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ РАВОН БО ИШТИРОКИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ «ДУШАНБЕ ИНВЕСТ-2025» БАРГУЗОР ШУД. ДАР ОН НАМОЯНДАГОНИ НИҲОДҲОИ ДАВЛАТӢ ВА СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ, РОҲБАРОНИ ШИРКАТҲОИ БОНУФУЗ, МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВӢ ВА ДОИРАҲОИ ТИҶОРАТИИ ДАҲҲО КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ИШТИРОК ДОШТАНД.



КИШВАРИ ИМКОНИЯТҲО

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки ҳадафи асосии форум муаррифии захираҳо ва имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҷалби фанноварихои нав ва ғояҳои инноватсионӣ ва идомаи ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар мебошад.

Форуми соли 2025 зери шиори «Сармоягузориҳои сабз: имкониятҳои имрӯза барои устувории фардо» баргузор гардида, диққати асосӣ ба рушди иқтисоди «сабз» ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиӣ равона шудааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ таъкид намуд, ки Тоҷикистон имрӯз кишвари босуръат тараққиёбандаи минтақа аст, ки иқтисодиёти устувор, фазои беҳтаршавандаи сармоягузорӣ ва сиёсати боварибахши хориҷиро пешниҳод менамояд.

Ҳамчунин, Сарвари давлат ба иқтидорҳои гидроэнергетикӣ, захираҳои маъданӣ, сармояи инсонии ҷавон ва пуркувват ҳамчун афзалиятҳои рақобатии кишвар ишора кард.

(Давомаш дар саҳ. 7)



10-уми октябр дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) баргузор гардид. Коршиносон ҷаласаи Душанберо эҳёи ИДМ арзёбӣ карда, навиштанд, ки "Душанбе ба ИДМ ҷони дубора бахшид".



ДУШАНБЕ БА ИДМ ҶОНИ ДУБОРА БАХШИД

ДУ ДИДОРИ МУҲИМ

1. Алиев ва Пашинян

Пас аз танишҳои сиёсӣ миёни Озарбойҷон ва Арманистон бори нахуст дар майдони ИДМ Илҳом Алиев ва Никол Пашинян ба ҳам омаданд. Дар ҷаласаи қаблии сарони ИДМ, ки дар Қазоқистон баргузор шуда буд, Никол Пашинян ҳузур надошт. Дар наворҳои ғайрирасмие, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр гардид, дида мешуд, ки Пашинян ва Алиев дар роҳаткурсӣ паҳлуи ҳам нишастаанд ва президенти Беларус Александр Лукашенко бо шӯхӣ ба Алиев ишора карда мегӯяд: "Дидӣ, омад, гуфтӣ ки Пашинян шояд наояд, вале омад!".

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бошад, посух медиҳад: "Душанбе майдони сулҳу дӯстӣ аст!".

2. Путин ва Алиев

Дигар воқеаи муҳиме, ки дар ҳошияи нишасти сарони ИДМ сурат гирифт, мулоқоти Владимир Путин ва Илҳом Алиев аст. Ин нахустин дидори Алиев ва Путин баъди суқути ҳавопаймои Озарбойҷон аст, ки муносибати ду кишварро тира кард. Моҳи декабри соли гузашта ҳавопаймои "AZAL"-и Озарбойҷон суқут кард, ки дар натиҷа 38 нафар ҷон бохтанд.

(Давомаш дар саҳ. 9)





Муҳимтарин натиҷаҳои ин нишаст:

ШИРКАТИ САРОНИ ИДМ

Дар ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар шаҳри Душанбе 10 нафар роҳбарон ширкат доштанд:

Эмомалӣ Раҳмон,
Президенти Тоҷикистон;

Илҳом Алиев,
Президенти Озарбойҷон;

Никол Пашинян,
сарвазири Арманистон;

Александр Лукашенко,
Президенти Беларус;

Қосим-Жомарт Тоқаев,
Президенти Қазоқистон;

Содир Жапаров,
Президенти Қирғизистон;

Сардор Бердимуҳаммадов,
Президенти Туркманистон;

Шавкат Мирзиёев,
Президенти Ӯзбекистон;

Владимир Путин,
Президенти Русия;

Сергей Лебедев,
дабири кулли ИДМ.

САРИ САБЗ



Азиз ШАРИФОВ, муассиси Маркази "Замона"

- Машғулияту китобҳо дар бозор хеле зиёд шудааст. Бисёре аз соҳибкорон маблағро барои курсҳои байналмилалӣ сарф мекунанд, ки ба воқеияти Тоҷикистон мувофиқат надоранд. Масалан, мутахассисони рус усулҳои дағалонаи маркетингиро тавсия медиҳанд...

- Шаф-шаф накарда, шафтолуи гапро гуфтан лозим аст. Масалан, инро, ки кадом соҳибкор майл ба курсҳои байналмилалӣ дорад ва кадом мутахассис чӣ гуна усули дағалонаро тавсия додааст...



Мӯниса РУСТАМОВА, бонуи иқтисоддони тоҷик

- Дар оғози кор каме ба хато роҳ додам. Гӯшворҳои офаридаамро ба тафдон мондам, вале 10 дақиқа нагузашта, ҳамааш сӯхту бӯйи ғализ хонаро фаро гирифт. Тафдонро бояд дар 110 дараҷа гармӣ ба муддати 30 дақиқа мемондам, вале ҳароратро каме баланд гузошта будам.

- Ҳаҳаҳаҳ, нигарон набошед, ин хел ҳолатҳо бисёр воқеъ меафтанд. Боз дар ҳоле, ки моли худатон сӯхтааст. Бисёр занҳо фикрашон ба ким-кучоҳо парвоз кардаву маҳсулоти бо пул харидаро ҳам дар тафдон месӯзонанд.



Осим ОРИФПУР, роҳбари "Суғдсинамо"

- Решакан кардани ба ном блогерон масъалаи вақт аст. Вақте ки блогерони босавод зиёд шаванду матолиби нашршуда дар шабакаҳои иҷтимоӣ мазмунан беҳтар гардад, ҷой ба но блогерон танг мешавад ва шояд корашонро тарк кунанд. Аммо чун ҳоло фазо холӣ аст, ҳар нафаре, ки чизе хоҳад, нашр мекунад.

- Ҳммм, мабодо фазоро холӣ дида, худатон ба фаъолияти блогерӣ машғул шуданӣ набошед? Агар ҳа, пешакӣ андешидан лозим, то фикри решакан кардани ба ном блогерон пеш наояд.

Назари коршинос:

САҲИФАИ НАВ ДАР ПОЙТАХТИ ТОҶИКОН НАВИШТА ШУД

Рӯзҳои охир Душанбе дар маркази диққати ҷаҳониён буд. Сафари расмии Президенти Русия Владимир Путин, саммити сарони Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ (мустақил) бори дигар нишон дод, ки Тоҷикистон ҳарчанд кишвари кӯчак аст, аммо эътибору нуфузи байналмилалиаш хеле бузург мебошад. Гумон дорам, ба шарофати президент Эмомалӣ Раҳмон, ки бо ҳама сарони кишварҳо муносибати хеле хуб дорад, ИДМ аз нав зинда шуд. Шояд эҳтироми махсус нисбат ба сарвари давлати тоҷикон дар фазои ИДМ боиси таҳаммул ва сабаби қабули баъзе пешниҳодҳо гашта бошад, ки дар вазъияти афзоиши шикоятҳо аз мавҷудияти ИДМ дар ҳолати дигар қабул намешуданд.

Гумон дорам, ташрифи сарвазири Арманистон Никол Пашинян, ки дар воҳӯрии сарони давлатҳои ИДМ дар Бишкек иштирок надошт, ҳузури президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар саммит нишони эҳтиром ба президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бошад.

Ва президенти Русия ҳам сафари расмии худро ба Тоҷикистон шояд бо он мақсад ба арафаи саммити ИДМ рост оварда, ки бо Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси масъалаҳое аз ҷумла изҳори ақида намояд, ки дар воҳӯрии сарони давлатҳои ИДМ матраҳ мешаванд.


Ман бар он ақида ҳастам, ки Русия Тоҷикистонро на танҳо шарики стратегӣ мешуморад, балки чун такягоҳ дар Осиёи Марказӣ медонад. Тоҷикистони кӯчак тавонист Русияву Озарбойҷонро оштӣ диҳад, шояд Арманистонро ҳам, ки кайҳо ҳадафи тарки ИДМ-ро дорад, дар Иттиҳод нигоҳ дорад.

Ташаббуси Қазоқистон дар бораи "ИДМ +", гумон дорам, пояҳои созмонро мустаҳкам хоҳад кард ва ба шикояти баъзе аъзо, ки ИДМ-ро такрори дигар созмонҳост мегӯянд, хотима хоҳад гузошт. Аминам, ки саҳифаи нав дар таърихи ИДМ маҳз дар пойтахти тоҷикон навишта шудааст.

Неъматулло МИРСАИДОВ,
коршинос

Ҷоизаи Нобел дар соҳаи адабиёт насиби кӣ шуд?

9-уми октябр Кумитаи Нобел дар шаҳри Стокҳолм эълон кард, ки ин ҷоизаи муътабар дар соҳаи адабиёт ба нависандаи маъруфи маҷорӣ Ласло Крашнахоркай (László Krasznahorkai) эъто мешавад.



Ин ҷоиза «барои асари ҷолиб ва ҳуҷҷатӣ", ки дар "миёни тарсу ноумедӣ қудрати санъатро барқарор месозад», дода шудааст. Крашнахоркай соли 1954 дар шаҳри Гюлаи Маҷористон таваллуд шуда, яке аз бузургтарин нависандагони муосири Аврупо ба шумор меравад. Асарҳои маъруфи ӯ «Тангои шайтонӣ», «Ҷанг ва ҷанг», «Охирин гург» ва ғайра серхонандатарин асарҳои муосири ҷаҳонӣ мебошанд.

Ҷоизаи Нобел дар соҳаи адабиёт муътабартарин ҷоизаи адабии ҷаҳонӣ буда, соле як маротиба ба як нависанда дода мешавад. Соли равон мукофоти ҷоиза 1,2 млн доллар муқаррар шудааст.

Ҷоизаеро, ки Трамп интизор буд, Мачадо гирифт

Мария Корина Мачадо, фаъоли мухолифи ҳукумати Венесуэла ва аз мухолифони президенти он кишвар Николас Мадуро барандаи Ҷоизаи сулҳи Нобел дар соли 2025 эълон шуд. Президенти Амрико Доналд Трамп яке аз муддаиёни ин ҷоиза дар соли 2025 буд.



Мачадои 57-сола муҳандиси саноат аст ва аз соли 2002 ин ҷониб ба майдони сиёсат ворид шуд. Соли 2002 як ниҳоди ғайридавлатиро бунёд гузошт, ки барои шаффофият ва назорат бар интихобот фаъолият мекард. Соли 2010 ба парлумони Венесуэла роҳ ёфт. Соли 2014 бинобар иштирок дар эътирозҳои саросарӣ ва интиқодҳои сахт аз ҳукумат, аз парлумон ихроҷ ва сипас аз ҳақи номзадии сиёсӣ маҳрум шуд.

ПАНҶ РОҲБАРИ КАЛОНСОЛТАРИНИ ҶАҲОН

12-уми октябр дар кишвари африқоии Камерун интихоботи президентӣ баргузор шуд, ки натиҷаи он ҳанӯз маълум нест. Вале коршиносон ҳадс мезананд, ки Пол Бияи 92-сола курсии хешро аз нав соҳиб хоҳад шуд. Ҳарифи ӯ Исса Чирома 80-сола аст.

Вориди корзори интихоботӣ шудани Пол Бияи 92-сола, ки беш аз 40 сол аст Камерунро роҳбарӣ мекунад, бори дигар мавзуи роҳбарони кӯҳансоли кишварҳои ҷаҳонро матраҳ намуд. Мо маълумот дар бораи 5 роҳбари калонсолтарини кишварҳои оламро манзур мекунем.




1. Пол Бия (Камерун, 92-сола)

Президенти Камерун Пол Бия аз соли 1982 то имрӯз роҳбари кишвар аст ва айни ҳол ҳамчун калонсолтарин раҳбари фаъол дар ҷаҳон шинохта мешавад. Ӯ беш аз чаҳор даҳсола дар сари қудрат қарор дорад ва сиёсати Камерунро дар тамоми ин муддат бо дасти оҳанин идора кардааст.




2. Салман бин Абдулазиз Ал Сауд (Арабистони Саудӣ, 89-сола)

Малик Салман бин Абдулазиз аз соли 2015 то имрӯз подшоҳи Арабистони Саудӣ мебошад. Ӯ яке аз шахсиятҳои пурнуфузи ҷаҳони ислом аст ва нақши калидӣ дар сиёсати дохилӣ ва минтақавии Арабистон дорад.



3. Ҳаралд V (Норвегия, 87-сола)

Подшоҳи Норвегия Ҳаралд V аз соли 1991 то имрӯз ҳукмрон аст. Гарчанде нақши ӯ асосан рамзӣ аст, вале шахсияташ дар ҷомеаи Норвегия ҳамчун рамзи ваҳдат ва устувории давлат арзёбӣ мешавад.



4. Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ (Эрон, 86-сола)

Роҳбари олии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз соли 1989 то имрӯз - Оятуллоҳ Алии Хоманаӣ яке аз пуркудраттарин сиёсатмадорони ҷаҳони ислом аст. Ӯ нақши асосиро дар сиёсати дохилӣ, хориҷӣ ва низомии Эрон мебозад.



5. Мишал ал-Аҳмад ал-Ҷабер ас-Сабоҳ (Кувайт, 85-сола)

Амири Кувайт Мишал ал-Аҳмад ас-Сабоҳ пас аз вафоти амири қаблӣ ба қудрат расид. Ӯ бо таҷрибаи зиёди сиёсӣ ва идорӣ, яке аз чеҳраҳои муҳими шоҳигарии Халиҷ ба шумор меравад.



СУЛҲИ ИСРОИЛ ВА ҒАЗЗА

13-уми октябр дар шаҳри Шарм-уш-шайхи Миср созишномаи оташбас миёни Исроил ва ҲАМОС ба имзо расид. Ба ин санад Доналд Трамп, президенти Амрико, Абдулфаттоҳ Сисӣ, раисҷумҳури Миср, Шайх Тамим бин Ҳамад оли Сонӣ, Амири Қатар ва Раҷаб Тайиб Эрдуғон, раисҷумҳури Туркия ба унвони миёнҷигарон ва кафилони оташбас дар Ғазза имзо гузоштанд.

Дар нишасти сулҳ дар Ғазза, ки бо даъвати Миср ва Амрико доир шуд, дар умум беш аз 20 раҳбару мақомдори кишварҳои ҷаҳон ширкат доштанд, аз ҷумла, Маҳмуд Аббос, раисҷумҳури Фаластин, Малик Абдуллоҳи дувум, подшоҳи Урдун, Эммануэл Макрон, раисҷумҳури Фаронса, Кир Стармер, нахуствазири Британиё, Фридрих Мертс, садри аъзами Олмон, Ҷорча Мелони, нахуствазири Италия ва Шаҳбоз Шариф, нахуствазири Покистон.

Раҳбарони ҲАМОС ва Бенямин Нетаняҳу, нахуствазири Исроил дар нишасти мазкур ширкат накарданд.

Масъуд Пизишкиён, раисҷумҳури Эрон ва Аббос Арақчӣ, вазири корҳои хориҷии ин кишвар низ аз ширкат дар нишасти Шарм-уш-шайх худдорӣ карданд.

ҲАМОС рӯзи душанбе ба унвони бахше аз тавофуқи оташбас 20 гаравгони зиндаи исроилӣ ва ҷасади 4 асири мурдаро аз тариқи Салиби Сурх ба Исроил супорид. Ин гурӯҳ қарор аст 24 ҷасади дигари гаравгонро ба Исроил диҳад. Дар ивази онҳо, Исроил эълон кард, ки 1968 зиндонии фаластиниро раҳо кардааст, ки бештари онҳо ба Каронаи Бохтар ва Ғазза баргашта, теъдоде ҳам ба Миср ва Туркия ихроҷ шудаанд.

Оташбас дар Навори Ғазза пас аз он ба иҷро даромад, ки кобинаи давлати Исроил рӯзи 9-уми октябр марҳилаи аввали тавофуқи сулҳи пешниҳодкардаи Амрикоро, ки шомили ивази асирон, ақибнишинии Исроил ва ворид шудани кумакҳои башардӯстона ба Ғазза буд, тасвиб кард.

Тибқи тавофуқи оташбас Исроил марҳила ба марҳила неруҳояшро аз навори Ғазза берун мекунад ва неруҳои ҲАМОС ҳам халъи силоҳ хоҳанд шуд. Идораи умури Ғазза ба уҳдаи ҳукумати президенти Фаластин Маҳмуд Аббос хоҳад гузашт.

Пас аз тавофуқи оташбас аллакай дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворҳое паҳн шуданд, ки мардуми Ғазза ба хонаҳояшон баргаштанд. Ин дар ҳолест, ки беш аз 80%-и шаҳр хароб шудааст.

Ёдовар мешавем, ки даргирии ахир миёни Исроил ва Фаластин 7-уми октябри соли 2023, баъди ҳамлаи ҷангҷӯёни гурӯҳи ҲАМОС ба Исроил оғоз шуд. Дар ҳамлаи ҲАМОС ба Исроил 1200 нафар кушта шуданд ва 250 кас гаравгон афтоданд. Дар пайи ин артиши Исроил ба Ғазза ҳуҷум ва наворро бомбборон кард, ки дар натиҷа 67 ҳазор сокини ин минтақа кушта шудаанд, ки бештари онҳо занону кӯдакон мебошанд.

Шералӣ Кабир:

ТОҶИКИСТОН 6 ФУЛУЗОТИ НОДИР ИСТЕҲСОЛ МЕКУНАД...

Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон 14-уми октябр дар ҳамоиши байналмилалии сармоягузории "Dushanbe Invest-2025" гуфт, ки аз 12 фулузот (металл)-и муҳим барои гузариш ба иқтисоди "сабз" Тоҷикистон 10-тои онро дорад ва аллакай шаштои онро истеҳсол мекунад.



Барои гузариш ба "иқтисоди сабз", ба гуфти Шералӣ Кабир, сурма ва антимоний муҳим аст, ки Тоҷикистон аллакай ба истеҳсоли он оғоз кардааст.

"Аз лиҳози захираҳои антимоний Тоҷикистон дар мавқеи дуюм қарор дорад. Дар мо чор корхонаи истеҳсоли антимоний дар марҳилаи коркард қарор доранд. Яке заминаи фанниву иқтисодӣ таҳия карда, дигаре бо корҳои таҳқиқотӣ машғул аст ва сохтмони сеюмаш идома дорад",- зикр кард Шералӣ Кабир.

Вазир таъкид намуд, ки Тоҷикистон аллакай ба истеҳсоли мис, ки барои иқтисоди"сабз" хеле муҳим аст, оғоз кард.

"Мо истеҳсоли онро бамаротиб зиёд кардан мехоҳем. Дар ин масъала ман мавқеи мушаххасу дақиқ дорам, барои афзоиши истеҳсоли мис сармоя ҷалб мекунем",- гуфт номбурда.

Ӯ ҳамчунин иттилоъ дод, ки ҳаҷми захираҳои никел ва литий низ хеле зиёд аст.

"Мо якумин кишвар дар фазои ИДМ хоҳем шуд, ки дар он литий истеҳсол мешавад",- гуфт Шералӣ Кабир.

Корхонаҳое мисли "Азот" ва "Талко голд"-ро Шералӣ Кабир "на танҳо бозигарони минтақавӣ", балки "қисмате аз сиёсати ҷаҳонӣ оид ба ин фулузот" шуморид.

Шералӣ Кабир илова кард, ки дар мавриди рушди саноати кӯҳкорӣ барномаҳои давлатӣ таҳия шуда, Тоҷикистон дар дурнамои наздик дар самти истеҳсоли фулузоти зарурӣ барои гузариш ба иқтисоди "сабз" мавқеи арзандаи худро касб мекунад.

ЧОЙХОНАИ МИЛЛӢ ДОРЕМ?

Аз қадимулаём мардуми тоҷик бо чойхонаҳояш маълуму машҳур буд. Дигар бодиянишинҳо онро аз мо қабул карда, ҳоло даъвои моли худ кардани онро доранд.



Ҳоло ҳам чойхонаҳои миллиамон, ҳам чойхонаҳои ба ном сурх аз байн рафтаанд. Агар ба вилояти Суғд нигоҳ кунем, дар ин ҷо шояд 300 адад чойхона бошад. Дар Душанбе як чойхонаи овозадори «Роҳат» доштем, ба меъморони навбаромад маъқул нашуду онро аз беху бунаш, яъне таърихи 80-90-солаи онро зери хок бурданд. Акнун меоем ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ.

Дар Фархору Кӯлоб биноҳои зебои мунаққаш сохтанду онҳоро чойхона ном монданд. Солҳои қаблӣ чойхонаҳо на танҳо чойи нишасту хези мӯйсафедон, тамоми синну сол, балки чойи шоҳмоту шашкабозӣ, ҳатто шабгузаронӣ ҳам буданд. Масалан 40-50 сол пеш банда бо додарам ба Душанбе омада дар «Саодат» ном чойхона шабро рӯз кардем.

Дар Муъминобод ном ба номи чойхонаи акаи Мансурҷону Ғаффорию Асрор ё Менибой буд, вале имрӯз ба арақхонаву сақопаронак табдил ёфтааст. Дигар бо ном чойхонаҳо, ки дар минтақаи Кӯлоб аз 2-3 адад зиёд нестанд, аз ҳама бештар ба тарабхона шабеҳанд.

Роҳбари давлат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҳёи анъанаҳои миллӣ, ҳунару касбҳои аҷдодӣ, миллӣ ҳамеша диққат медиҳанд. Вале сад афсӯс, ки чунин ҷонфидоӣ, ватандӯстӣ, ватанпарастӣ аз ҷониби раисони шаҳру навоӣ ба мушоҳида намерасанд. Ин ҷо як мафҳум аст: ё мансабдорон аз таъриху фарҳанги миллӣ огоҳӣ надоранд ё ташаббускору иқдомандеш нестанд. Гӯё онҳо интизори ишорат аз болоянд, ки чойхонаҳои дар ҳақиқат миллӣ бунёд кунанд.

Чойхона чӣ бартарӣ дорад?

Пеш аз ҳама шахси камбизоат ба он ҷо омада, бо як кулчаи 2-сомонӣ, ду дона қанди 20-дирама, як чойник чойи 1-сомонӣ, ҷамъ 3-4 сомонӣ тановул карда, аз пайи кору бораш меравад. Агар ба ошхонаю қаҳвахона дарояд, барои «обедаш» бо як косаи шӯрбои хому хатала аз 20-30 сомониаш халос мешавад. Беҳдошти саломатии табақаи камбизоат зери суол меmonад. Яъне шахси ба марказҳои шаҳру ноҳияҳо омада гушнаю ташна корҳояшро саранҷом карда, 20-30 километр роҳро тай карда, ба хонааш меравад. Адолати иҷтимоӣ ҳукмфармо нест. Ё аз байни 63 нафар вакилони парламенти касбии кишвар ягон нафар миллатпараст, дилсӯз, ғамхоре ҳаст, ки баҳри эҳёи ҳақиқии чойхонаҳои миллӣ ҳарфе, сухане, пешниҳоде гӯяду кунад? Ҳол он ки, онҳоро ҳамин мардум овоз дода, соҳиби курсию мошин кардааст.

Зинда бод, чойхонаи сурх!

Чойи кабуди дарди сар-ба биё, бача!

Нурулло ҲАСАНОВ,
рӯзноманигор

РЕЗААХБОР

15-уми октябр дар Душанбе дувумин синамочашнвораи "Тоҷи сомон" дар Тоҷикистон оғоз ёфта, то 20-уми октябр идома мекунад. Давоми ин рӯзҳо беш аз 40 филми 15 кишвар намоиш дода мешаванд. Дар доираи синамочашнвора Рӯзҳои синамои Эрон баргузор мешавад.

***

Онҳое, ки манзилашон беш аз 8 ҳуҷра дорад, дар Душанбе камтар аз 1%-анд. Бар асоси як назарпурсии Агентии омори Тоҷикистон, дар шаҳри Душанбе 2,7%-и пурсидашудагон дар 1-ҳуҷрагӣ, 29,1% дар 2-ҳуҷрагӣ, 38,5% дар 3-ҳуҷрагӣ, 18% дар 4-ҳуҷрагӣ, 7,4% дар 5-ҳуҷрагӣ, 2,7% дар 6-ҳуҷрагӣ, 0,5% дар 7-ҳуҷрагӣ ва 0,9% дар 8 ва зиёда ҳуҷрагӣ истиқомат мекунанд.

***

Ҳайати низомиёни Тоҷикистон барои ширкат дар тамринҳои низомии минтақавии "Ягонагӣ-2025" ("Бирлик-2025") ба Ӯзбекистон рафтаанд. Тамринҳо бо иштироки низомиёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озабойҷон аз 14 то 21-уми октябр дар машқгоҳи "Каттақурғон" баргузор мешаванд. Гуфта мешавад, ки дар тамринҳо ҳайатҳои низомии кишварҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Қирғизистон ширкат карда, тачрибаи ҳарбии худро табодул мекунанд.

***

Дар Тоҷикистон Олимпиадаи байналмилалии фаннӣ ба номи Хайём - "KhIMIO-2025" баргузор мешавад. Ин озмун аз рӯи фанҳои математика ва информатика доир шуда, аз 5 то 10-уми ноябр дар шаҳри Душанбе мегузарад. Дар он хонандагони мактабҳои Тоҷикистон, кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва минтақаи Авруосиё ширкат карда метавонанд. Ҳадафи озмун арҷгузорӣ ба мероси илмии Умари Хайём гуфта мешавад.

***

Дар 9 моҳ соли ҷорӣ дар 6 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд беш аз 16,5 миллион квт/соат дуздӣ ва изофанависии барқ ошкор шудааст, ки зарари он 6 миллиону 661 ҳазор сомонӣ будааст. Дар ин бора Раёсати Оҷонсии назорати давлатии энергетикӣ дар ин вилоят хабар дода, гуфтааст, ин миқдори дуздӣ ва изофанависии барқ дар шаҳру навоҳии Гулистон, Исфара, Конибодом, Истиқлол, Мастчоҳ, Ашт ва Бобоҷон Ғафуров ошкор шудааст.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)



МАСҶИД ҲАМЧУН МИНБАРИ СИЁСАТ

Соли 1990 саҳнаи сиёсии Тоҷикистон баҳори серборишу селоварро мемонд, ки бо як нафаси тунд дарахтонро ба ларза меовард. Кӯчаю паскӯча пур аз овозҳо, шиорҳо ва ваъдабозиҳо буданд. Ҳавзаҳои интихоботӣ як ба як ба майдонҳои набард табдил меёфтанд. Ҳизби наҳзати исломӣ, демократҳо, ҳаракати «Растохез» ҳама бо нерӯи тоза ва орзуҳои дерпинҳон ба майдон омаданд.

Интихоботи Шурои Олӣ на танҳо маъракаи сиёсӣ, балки як санҷиши сахт барои ҷомеа буд. Онро метавон вазнинтарин интихобот дар таърихи навини Тоҷикистон номид. Зеро дар пасманзари пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, ҳама чиз ноустувор менамуд: сиёсат, иқтисод, зиндагии ҳаррӯзаи мардум.

Ҳар гурӯҳ роҳи худро мечуст: яке бо ваъдаҳои молу мулк ва ҷойи кор, дигаре бо шиорҳои осмонкафу ҳангомаангез, сеюмӣ бо даъвоҳои диниву рӯй овардан ба ибодат, чорумӣ бо даъвои демократия ва озодӣ. Мардум ҳайрону ошуфта буданд: ба кӣ бовар кунанд?

Дар кӯчаҳо овезаҳою лавҳаҳои рангоранг мисли парчамҳои ҷангӣ ба шиддат ларзиш мехӯрданд; дар хонаҳо баҳсу мунозира то ба тафриқа мерасиданд, дар корхонаҳо радду бадал барои пуштибонӣ аз ин ё он гурӯҳ оқибат бо кашмакаш анҷом меёфт.

Ҳамаи ин зери таъсири таблиғоти беҳадаф сурат мегирифт. Душанбе гӯё ба майдони бузкашии бекоида табдил ёфта буд: ҳар кас савори асп, ба майдон даромада, бузкашӣ мекард.

Ин манзараи парешониву норомӣ, ки онро баъдтар бо номи «демократия» таъбир мекарданд, мардумро то ба хонавайронӣ расонд. Хусусан дар маъракаҳои интихоботӣ, ин ошуфтагиву тафриқа равшантар ба чашм мерасид. Барҳам хӯрдани низоми устувори Шуравӣ ҷомеаро ба ҳолате оварда буд, ки ҳар кас дар дил бо байти Ҳофизи Шерозӣ ҳамнаво мешуд:

Ин чи шурест, ки дар даври
қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаву
шар мебинам.
Мардумон рӯзи беҳӣ
металабанд аз айём,
Мушкил он аст, ки ҳар рӯз
батар мебинам.
Аблаҳонро ҳама шарбат
зи гулобу қанд аст,
Кутти доно ҳама аз хуни
ҷигар мебинам.
Аспи тозӣ шуда маҷрӯҳ ба
зери полон,
Тавқи заррин ҳама дар
гардани хар мебинам.
Духтаронро ҳама ҷанг
асту ҷидол бо модар,
Писаронро ҳама бадхоҳи
падар мебинам.
Ҳеҷ раҳме на бародар ба
бародар дорад,
Ҳеҷ шафқат на падарро
ба писар мебинам.
Панди Ҳофиз шунав эй
Хоҷа бирав некӣ кун,
Ки ман ин панд беҳ,
аз дуру гуҳар мебинам.

Боре сари дастархон ба як хешам, ки ҷонибдори номзади мухолифи Муродуллоҳ Шерализода буд, рӯ оварда, пурсидам:

Ба тарафдории кӣ овоз медиҳӣ?

Ӯ номзадеро ба забон овард, ки ҳарифи Шерализода буд.

Боз пурсидам:

– Ту хеши ман ҳастӣ, мебоист номзадеро ҷонибдорӣ кунӣ, ки ман роҳбари штаби ӯ ҳастам. Сабаби чунин интихоб дар чист?

Ӯ бо виқор гуфт:

– Номзади интихобкардаи ман дар масҷид гуфт, ки: "Ёри бекас Худост". Ман ҷонибдори бекас ҳастам.

Ман бо тааҷҷуб ба ӯ нигариста, гуфтам:

– Ин гап дурӯғ, сӯистифода аз эътиқоди ту аст. Ӯ на бекас асту на бепул.

Аммо ҳарчанд кӯшиш кардам, ӯро аз роҳаш баргардонидан натавонистам. Зеро суханоне, ки аз минбари масҷид садо медоданд, ба дили мардум роҳ ёфта, мисли оят дар зеҳнашон нақш мебастанд. Пас аз ҳафтод соли хомӯшии иҷборӣ ва маҳдудиятҳои сахти коммунистӣ нисбат ба дин, акнун ҳар сухани динӣ чун ҷавҳар медурахшид ва таъсири амиқ дошт. Масҷид дигар танҳо макони ибодат набуд, балки ба минбари бузурги сиёсӣ табдил ёфта буд, ки сарнавишти интихоботро муайян мекард.

Дар ҳамин вазъияти пурошӯб ва пурмоҷаро, мардум дар ҳавзаи интихоботии №109 шаҳри Панҷакент номзадии Муродуллоҳ Шерализодаро ба вакилӣ пешниҳод карданд. Номзаде, ки қалам ва суханро ҳамчун силоҳи ҳақиқат мешинохт, акнун дар майдони сиёсат бояд бо дасти холӣ, вале бо нерӯи сухан ва эътимоди мардум мубориза мебурд.

ЛАҲЗАИ ИНТИХОБ

Миёни он ҳама гирдоби бухрону ноороми, вақте ки ҳар гурӯҳ бо шиорҳои хоси худ мардумро ба майдон мекашид, номи Муродуллоҳ Шерализода ҳамчун номзад ба вакилии мардумӣ аз ҳавзаи Панҷакент садо дод. Хабари пешниҳоди номзадияш дар як дам фазои иттилоотиро фаро гирифт.

Ӯ маро назди худ хонд ва бо табъи на чандон болида гуфт:

– Як хоҳиш дорам. Лутфан рӯйхати ҳамаи он шахсиятҳоро тартиб деҳ, ки аз ин ҳавза дар тӯли таърих ба сифати вакили мардум интихоб шуда буданд.

Ман розӣ шуда, ба ҷустуҷӯ пардохтам. Варақае тартиб додам, ки номҳои бузургтарин фарзандони миллат дар он дурахшиданд: устод Садриддин Айнӣ, падари адабиёти тоҷик; аллома Бобоҷон Ғафуров, муаррихи нотакрор ва муаллифи «Тоҷикон».

Вақте рӯйхатро ба дасти ӯ додам, Шерализода муддате ба коғаз нигарист, гӯё ҳар ном барои ӯ таърихи як наслро зинда мекард. Оҳе кашид ва ба андеша рафт:

– Чӣ гуна ман метавонам аз ҳавзае интихоб шавам, ки аллома Бобоҷон Ғафуров аз он ҷо вакил буданд?

Дар чеҳрааш ҳам эҳтиром ба гузашта эҳсос мешуд, ҳам андешаи фардо чӣ мешавад. Ман ӯро таскин додам:

– Шумо зодаи ҳамин диёр ҳастед, фарзанди ҳамин хок. Шахсияти фарҳангиву сиёсатмадор ҳастед. Агар мардум шуморо пешниҳод кардаанд, беҳуда нест. Имрӯз дар қатори шумо номзадҳое пешниҳод шудаанд, ки дасти чапро аз рост фарқ намекунанд, дурӯғ шиори онҳост.

Ӯ бо диққат гӯш кард, баъд сар ҷунбонд, гӯё бори сангине аз бағалаш афтода бошад, каме сабуктар шуд. Лаҳзае сукут ҳукмфармо гашт. Ниҳоят бо оромӣ гуфт:

– Имкони ширкат кардан дар ҳамаи маъракаҳои интихоботиро надорам. Аз шумо хоҳиш дорам, ки дар танзим ва пешбурди кор дар ҳавзаи интихоботӣ ба ман кумак расонед.

Ман ба ин пешниҳод розӣ шудам. Ҳамин тавр, роҳи нави мубориза оғоз ёфт: роҳи интихобот, ки аз имтиҳони сахти мардум, аз муҳокимаронии оммавӣ ва аз бархӯрди ғояҳо мегузашт. Ин дигар на майдони корзор бо силоҳ, балки майдони сухан, ақл ва эътиқод буд. Ҳар як калима метавонист шамшер гардад, ҳар як шиор сипар.

Аз ҳамон рӯз ман дарк кардам, ки муборизаи сиёсӣ на танҳо қувва, балки ҳунари шунидан, қонеъ кардан ва бардоштани бори масъулияти боварии мардумро талаб мекунад. Дар ҳар нишасту гирдиҳамоӣ, чеҳраҳои умедвору шубҳанок, нигоҳҳои синчакорона ба мо менигаристанд. Ин роҳ, гарчанде пурпечутоб, вале роҳи сарнавишти нав барои кишвар буд.

ОҒОЗИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ

Рӯзи дигар ман ба кор оғоз кардам. Пеш аз ҳама рӯйхати нуқтаҳои интихоботиро тартиб додам. Дар ин кор марҳум Умриқул Ҳақбердиев, Холмурод Шарифов, Тошбой Бобоев ва даҳҳо довталаби дигар, ки мехостанд дар паҳлуи Муродуллоҳ Шерализода бошанд, ба ман кумак мекарданд. Онҳо ҳам таҷрибаи роҳбарӣ доштанду ҳам кор бо мардумро хуб медонистанд. Мисли он буд, ки ҳанӯз ба ҳавза қадам нагузошта, мо аллакай як штаби пурқуввату муттаҳид ташкил дода будем.

Аммо мушкили асосӣ дар пеш буд: ду номзади дигар низ аз ҳамин минтақа ба майдон баромада буданд. Яке аз ҷамоати "Рӯдакӣ", дигаре аз ҷамоати "Ворӯ". Ин эҳтимолро ба миён меовард, ки мардум тақсим шаванд ва бар асари беэҳтиётӣ ихтилоф ба душманӣ табдил ёбад.

Муродуллоҳ Шерализода пайваста таъкид мекард:

– Ба ин ҳаргиз роҳ надихед! Интихобот мегузарад, аммо мардум мемонанд.

Ӯ дуруст мефаҳмид, ки гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ мехостанд аз эътиқоду эҳсоси динӣ ҳамчун абзори таблиғ истифода баранд. Аз ин рӯ, бо қотеъият огоҳ мекард:

– Эътиқоди мардумро ба бозии сиёсӣ накашем! Масҷидро бо маъракаи сиёсӣ наомезем!

Бо чунин ҳидоятҳо мо корҳои худро ба тартиб оварда, харитаи маъракаи тарғиботиро омода кардем. Ҳар қадам андеша ва масъулият мехост. Кор осон набуд, вале таҷрибаи сиёсии Шерализода ба мо роҳнамоӣ мекард, гӯё чароғе буд, ки роҳи торики моро равшан месохт.

ДАР БУНБАСТ

Зимистони он сол қаҳратун омад. Шамол бо тундӣ мевазид, барф бо шиддат меборид. Табиат ҳамаро ба пироҳани сарди сафед печонда буд. Он сармо ва сангинӣ то дер дар ёди мардум боқӣ монд. Ағбаи Анзоб-роҳи наҷот ва пайвандгари асосии Шимол бо Маркази ҷумҳурӣ зери кӯрпаи ғафси барф ба хоби тӯлонии зимистон рафта буд. Панҷ моҳи тамом Шимоли кишвар аз маркази Тоҷикистон канда мегашт.

Он рӯзҳо Иттиҳоди Шуравӣ дар гирдоби парокандагӣ қарор дошт. Хатҳои робита, ки солҳои дароз ҷумҳуриҳоро ба ҳам мепайвастанд, як ба як канда мешуданд. Деворҳои ноаёни ҷудоӣ миёни ҳамсоягон қомат меафрохтанд. Он чизе, ки бародариву баробарӣ ном дошт, он рӯзҳо ба шубҳа ва беэътимодӣ табдил меёфт.

Муносибатҳо миёни ҷумҳуриҳо рӯз то рӯз заифтар мешуд. Равуо мушкил гашта буд. Барои расидан ба Панҷакент дигар роҳи кӯтоҳу пурпечутоби Анзоб вуҷуд надошт. Роҳ охири тирамоҳу зимистону аввали баҳор баста буд.

Мусофир маҷбур мешуд аз роҳи тӯлонии Ӯзбекистон гузарад: аввал Сари Осиё, баъд Бойсун, сипас Деҳқонобод, Шаҳрисабз, ағбаи пуршебу хатарноки Китоб ва аз он ҷо ба Самарқанд ва баъдан аз Самарқанд ба Панҷакент. Роҳе, ки қариб панҷсад километрро ташкил медод.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР

САРМОЯГУЗОРӢ

ДУШАНБЕ ДАР РАҚАМҲО

Душанбе аз беҳтарин маконҳои Осиёи Миёна барои сармоягузорӣ аст. Ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба иқтисоди пойтахт зиёд гардида, танҳо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба 2,2 млрд доллар расид. Дар ин бора зимни форуми сармоягузории Душанбе муовини якуми раиси шаҳри Душанбе Бахтиёр Шарифӣ гуфт.



Ба гуфтаи ӯ, иқтисоди шаҳр яке аз зудтарин рушдёбандаҳо дар минтақа буда, бо 69 кишвари ҷаҳон равобит дорад.

Шарифӣ гуфт, ки новобаста аз таъсиси ҳама гуна хавфҳои эҳтимолӣ, вазъи мураккаби иқтисодии ҷаҳон тамоюли мусбати соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва устувории нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии шаҳр таъмин гардида истодааст.

"Рушди миёнаи солонаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар солҳои ахир беш аз 7%-ро ташкил медиҳад. Душанбе дар ҳашт соли охир ҳудуди 20%-и ММД-и Тоҷикистонро таъмин менамуда, узви фаъоли 6 ташкилоту форуми сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аст.

Ҳамзамон, шаҳр бо 69 кишвари ҷаҳон робитаҳои иқтисодии хориҷӣ дошта, аз ин 11 давлатҳои ИДМ ва 58 кишвари хориҷи дур мебошанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ва вусъат додани имкониятҳои содиротии кишвар ва беҳбуд бахшидан ба вазъи бозори меҳнат ислоҳоти иқтисодӣ муваффақона амалӣ шуда истодааст.

"Аз ҳудуди Тоҷикистон 4 долони нақлиётӣ мегузарад, ки бозори кишвари минтақа ва берун аз онро бо ҳам мепайвандад ва ин долонҳо дар навбати худ ба афзоиши гардиши савдои хориҷии кишвар заминаи мусоид мегузоранд",- қайд кард Шарифӣ.

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

8 РОҲИ ҒӮТТА НАЗАДАН БА ҚАРЗ

Дар ҳаёти ҳар инсон масъалаҳои молиявӣ ва муносибат бо пул ҷойи хоса дорад. Чӣ гуна пул кор кардан? Чӣ гуна пулро нигоҳ доштан? Чӣ тавр дуруст сарф намудани пул? Инҳо саволҳоеанд, ки аксарият ба онҳо посухи аниқ надоранд. Аммо ин масъала сарнавишти молиявии мо ва ҳатто осоиши рӯҳу равони моро муайян мекунад.

Саидмурод Давлатов, устоди маъруф дар соҳаи бизнес мегӯяд: «Кор кардани пул ҳунар аст, нигоҳ доштани он истеъдод, аммо дуруст идора кардани он санъат аст».

Воқеан, бисёре аз одамон ҳатто баъди кору заҳмати зиёд, солҳост, ки зиндагии хуб надоранд. Чаро? Зеро онҳо маблағи худро дуруст идора намекунанд.

ЧАРО САРФАКОРӢ МУҲИМ АСТ?

Дар хонавода сарфакорӣ ва роҳ надодан ба исрофкорӣ яке аз муҳимтарин омилҳои зиндагии устувор ба ҳисоб меравад. Пул на танҳо воситаи хариду фурӯш, балки асоси амнияти молиявӣ аст. Агар харочот аз даромад зиёд бошад, дер ё зуд оила ба қарздорӣ ва мушкилӣ дучор мешавад.

Шахсе, ки ҳар моҳ маош мегирад, аммо тамоми онро бе нақша сарф мекунад, дар охири моҳ ҳатто барои ниёзҳои одӣ мушкилӣ мекашад. Аммо шахсе, ки бо ақл ва тартиб маблағи худро тақсим мекунад, метавонад кам-кам пасандоз ҳам кунад.

Саидмурод Давлатов дар китобҳо ва семинарҳои худ борҳо таъкид намудааст, ки ҳар инсон бояд се малакаи муҳимро дар муносибат бо пул омӯзад:

Якум, пул кор кардан (ҳунар). Яъне, касби муайян дошта бошед, кор кунед ва арзиш эҷод кунед.

Дуюм, пул нигоҳ доштан (истеъдод). Ин маънои онро дорад, ки шахс бояд қисми даромади худро нигоҳ дорад, на ҳамаашро сарф кунад.

Сеюм, пул идора кардан (санъат). Яъне, маблағро дуруст тақсим кардан: барои ниёзи рӯзмарра, пасандоз, сармоягузорӣ ва эҳтиёт.

БОТЛОҚИ ҚАРЗ

Чӣ бояд кард, ки ба ботлоқи қарз ғӯтта назанем?

Якум, бучаи оилавӣ тартиб диҳед. Ҳар моҳ даромад ва харочотро нависед. Бинед, ки маблағ ба куҷо меравад.

Дуюм, қисме аз маошро пасандоз кунед. Агар маблағ кам ҳам бошад, одати пасандоз муҳим аст.

Сеюм, аз харочоти беҳуда худдорӣ намоед. Хариди чизҳои нозарур роҳи зуд аз даст додани пул аст.

Чорум, фарҳанги молиявиро омӯзед. Китобҳо, видеоҳо, тренингҳои вобаста ба масъалаи молия ва пулро омӯзед.

Панҷум, дар ҳолатҳои зарурӣ қарз гиред. Кӯшиш кунед, ки зудтар онро пардохт намоед.

Бинобар ин, сарфакорӣ нишонаи камбағалӣ нест. Баръакс, нишонаи фаҳмиш, худидоракунӣ ва эҳтиром ба заҳмати худ аст. Агар оилаи солим, зиндагии ором ва ояндаи беҳтар мехоҳем, бояд аз имрӯз мақсаднок истифода намудани пулро оғоз намоем.

Тавре устоди бизнес Саидмурод Давлатов мегӯяд: «Ҳар як сомонӣ, ки сарфа мекунед, қадаме ба сӯи озодии молиявӣ аст».

Усмон РАҲИМЗОДА

ФОРУМ

ТОҶИКИСТОН МАКОНИ БОЭЪТИМОДИ САРМОЯГУЗОРӢ

(Аввалаш дар саҳ. 2)

ИМТИЁЗҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ

Президенти кишвар мавқеи стратегӣ ва ҷуғрофии Тоҷикистонро ҳамчун пул байни Аврупо ва Осиё арзёбӣ намуда, имкониятҳои таъсиси долонҳои нави нақлиётӣ, энергетикӣ ва логистикиро муаррифӣ намуд. Ин иқдом ба ҳамгироии бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Дар доираи сиёсати рушди устувор, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зарурати татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои давраи то соли 2037-ро ёдовар шуд. Ҳамзамон, ба ширкатҳои байналмилалӣ ва сармоягузорон пешниҳод гардид, ки дар истеҳсоли технологияҳои тоза, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги инфрасохторӣ шарик шаванд.

Ҳамчунин, Сарвари давлат ба сармоягузорон чандин самтҳои дорои потенсиали баландро муаррифӣ кард. Аз ҷумла, саноати сабук ва хӯрокворӣ, саноати кимиё ва дорусозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, комплекси агросаноатӣ ва соҳаи сайёҳӣ.

Таъкид шуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои ҷалби сармоягузорӣ зиёда аз 240 кафолат ва имтиёзҳои гуногун пешниҳод мекунад, ки беш аз 110-тои онҳо андозӣ ва гумрукӣ мебошанд. Инчунин, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон панҷ минтақаи озоди иқтисодии кишварро ҳамчун муҳити мусоид барои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ номбар кард.

Президенти кишвар таъкид намуд, ки ҳадафи стратегӣ - табдил додани Тоҷикистон ба макони боэътимоди сармоягузории дарозмуддат аст. Ин ба ҳамкорӣ барои рушди устувор ва ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

26 СОЗИШНОМА БА МАБЛАҒИ БЕШ АЗ $ 3 МИЛЛИАРД

Дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест-2025» 26 созишномаи ҳамкорӣ ба маблағи беш аз 3 миллиард доллар ба имзо расид. Ҳадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон 8 созишнома ба маблағи 333,5 миллион доллар, дар соҳаи саноат 9 созишнома ба маблағи 386 миллион доллар, Вазорати энергетика 5 созишнома ба маблағи 2,4 миллиард доллар бо шарикони худ ба имзо расониданд.

Ба иттилои Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон, ин санадҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди мамлакат, аз ҷумла энергетика, саноат, инноватсия, зеҳни сунъӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт нигаронида шудаанд. 4 созишномаи дигар дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба имзо расида, маблағи умумии онҳо 8,9 миллион долларро ташкил медиҳад.

РӮЗИ СОҲИБКОРОН...

Ёдовар мешавем, ки ҳамасола 14-уми октябр дар Тоҷикистон Рӯзи соҳибкорон ҷашн гирифта мешавад. Баргузории форум низ дар Рӯзи соҳибкорон рамзӣ аст ва дар он Сарвазири Ӯзбекистон Абдулло Орифов, муовини якуми Сарвазири Қазоқистон Роман Скляр, Валиаҳди Шоҳигарии Нигери-Сембилан (Малайзия), намояндагони СММ, Эрон ва Арабистони Саудӣ ҳузур доштанд.

Ба андешаи коршиносон, Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест-2025» платформаи муҳим барои рушди сармоягузорӣ ва рақамӣ мебошад. Дар форум беш аз 1000 нафар иштирокдорон - меҳмонон аз Осиё, Аврупо ва Ховари Миёна ҳузур доштанд.

Барномаи форум ҷаласаҳои пленарӣ, панелҳои мавзуӣ ва ҷаласаҳои махсусро оид ба рақамисозӣ, зеҳни сунъӣ, молияи устувор, рушди ояндаи шаҳр, энергетикаи “сабз” ва соҳибкорӣ дар бар гирифт. Дар ҳошияи Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест-2025» намоишгоҳи «Душанбе Инвест-2025» ташкил карда шуд. Дар он дастовардҳо дар соҳаҳои саноат, энергетика, технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ, агробизнес, сайёҳӣ, фазои сармоягузорӣ ва молу маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон муаррифӣ карда шуданд.

АЗ «ТОҶИКОН» ТО «ДӮСТОНИ ТОҶИК»

Ду ҳадяи Владимир Путин ба Эмомалӣ Раҳмон



Сафари давлатии Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 8-ум то 12-уми октябр идома кард, ҳафтаи равон мавриди таваҷҷуҳи расонаҳои ҷаҳонӣ қарор дошт.

МУЛОҚОТИ ДӮСТОНА

Дар ин сафар Владимир Путин дар ду ҳамоиши муҳим - ҳамоиши "Осиёи Марказӣ - Русия" ва ҷаласаи Шурои саронии кишварҳои иштирокдори ИДМ ширкат кард. Ҳамчунин, бо Президенти Тоҷикистон дидору мулоқот дошт. Зимни ин сафар миёни Тоҷикистону Русия 16 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Вале дар ин сафар бештар муносибати самимии Владимир Путин бо ҳамтои тоҷикаш Эмомалӣ Раҳмон диққати ҷомеаи ҷаҳонро ҷалб кард. Ҳамчунин, ду ҳадяи Президенти Русия ба Президенти Тоҷикистон - китоби "Тоҷикон" ва мусаввараи "Дӯстони тоҷик" мавриди таваҷҷуҳи ҳамагон қарор гирифт.

Чун расонаҳои Тоҷикистон ва Русия дар бораи ин ду ҳадя маълумоти зиёд надоданд, мо тасмим гирифтем, ки дар бораи ин туҳфаҳо ба шумо маълумоти бештар диҳем.



"ДӮСТОНИ ТОҶИК"

Туҳфаи дигари Владимир Путин ба Эмомалӣ Раҳмон мусаввараи "Дӯстони тоҷик" аст, ки ба қалами рассоми шуравӣ Макс Бирштейн таалуқ дорад.

Макс Авадиевич Бирштейн (15.01.1914 - 9.06. 2000) - рассоми шуравӣ, намояндаи барҷастаи импрессионизми шуравӣ, график ва муаллифи силсилаи портретҳои ҳамзамонони худ буд. Муҳассили факултаи наққошии Донишкадаи давлатии рассомии ба номи Суриков буд. Аз соли 1939 дар намоишгоҳҳои чумҳуриявӣ, умумииттифоқӣ ва байналмилалӣ иштирок мекард.

Солҳои 1941-1942, яъне пас аз оғоз шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ Бирштейн ба Осиёи Марказӣ омад. Ӯ шефтаи шаҳрҳои таърихӣ, мардуми меҳмоннавоз ва табиати назаррабо мешавад. Дар ин бора ӯ дар дафтари хотироташ қайдҳои зиёде гузоштааст, ки баъдан духтараш Анна Бирштейн пораҳои онро нашр кард. Бирштейн Осиёи Марказӣ, махсусан шаҳрҳои қадимаи Самарқанду Бухорову Хуҷандро "афсонавӣ" дарёфта, дӯконҳои пур аз анвоъи меваву сабзавот, растаҳои биринҷу чормағз ва мавизҳоро дида, дар ҳайрат мондааст. Аз бӯйи кабобе, ки дуди он фазои бозорҳои шарқиро пахш мекард, ба вачд омадааст. Ӯ бо рассомони сармарқандӣ робита барқарор карда, ба шаҳрҳои Осиёи Марказӣ сафар мекунад ва силсилаи асарҳоеро эҷод менамояд, ки имрӯзҳо дар бузургтарин осорхонаҳо ва коллексияҳои хусусӣ нигоҳ дошта мешаванд. Аз ҷумла: "Самарқанд", "Марди тошкандӣ", "Этюди шарқӣ", "Шаҳрисабз", "Дарахтзор", "Меваҳои шарқ", "Намои Хуҷанд", "Дӯстони тоҷик" ва ғайра.

Пас аз анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ Бирштейн ба сафарҳои эҷодӣ ба саросари Шуравӣ баромад, баъдан бо киштӣ Гибралтар, Сингапур, Африқо, пас аз он Лондон, Париж, Эрфурт, Испания ва дигар кишварҳоро сайр кард, вале як умр шефтаи Шимоли Русия, яъне Қафоз ва Шарқи Шуравӣ, яъне Осиёи Марказӣ боқӣ монд.

Бирштейн яке аз рассомонест, ки ҳанӯз дар замони Шуравӣ намоиши асарҳояш дар кишварҳои Аврупо баргузор мешуд. Асарҳои ӯ дар Галереяи давлатии Третяков, Осорхонаи давлатии адабӣ, Осорхонаи давлатии санъати халқҳои Шарқ, Осорхонаи муосири Маскав, Осорхонаи давлатии Русия (Санкт-Петербург), галереяи Саратов ва инчунин дар галереяҳо ва осорхонаҳои кишварҳои собиқи ИҶШС, инчунин дар коллексияҳои хусусии Англия, Олмон, Ҳолланд, Испания, Лаҳистон, Руминия, ИМА, Фаронса, Швейтсария, Япония ва дигар давлатҳо маҳфузанд.

Асари "Дӯстони тоҷик", ки дар он суҳбати ду марди тоҷик дар сари дастархон тасвир шудааст, бозгӯкунандаи рӯзгори миллати тоҷик аст. Он бо ранги равғанӣ дар рӯйи матоъ тасвир шуда, андозааш 90х78 аст. Тибқи иттилои сомонаи "Култпросвет" ин асар дар музоядаҳо беш аз 10 ҳазор доллар нархгузорӣ мешавад. "Вале пас аз туҳфа шудани он аз ҷониби Владимир Путин ба Эмомалӣ Раҳмон арзиши он беш аз 10 маротиба боло хоҳад рафт",- менависад коршиноси ин сомона. Вале ин асар, ки ҳамчун рамзи дӯстӣ аз ҷониби Президенти Русия ба Президенти Тоҷикистон ҳадя шуд, бебаҳо аст.

О. НОЗИР

"ТОҶИКОН" ЧӢ ГУНА КИТОБ АСТ?

Зимни ҳадяи китоби "Таджики" Владимир Путин ба Эмомалӣ Раҳмон гуфт, ки ин китоб нашри нодир аст ва он ҳамагӣ 25 нусха чоп шудааст ва ӯ "нусхаи рақами як"-ро ба Душанбе овардааст.



"Ҳамагӣ 25 нусха аст. Ин нусхаи рақами як мебошад. Ин асари воқеан илмӣ як хулосаи бунёдии маводро дар бораи таърих, антропология, демография ва этнографияи ҳаёти тоҷикон муаррифӣ мекунад. Аз ҷумла тақсимоти тоҷикон бар асоси манобеи омори дастрас, аз барӯйхатгирии охирини Русия",- таъкид кард раҳбари Русия.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин туҳфаро "бехтарин" унвон кард ва ба ҳамтои русаш сипос гуфт.

Воқеан, "Тоҷикон"-е, ки Владимир Путин ба Эмомалӣ Раҳмон ҳадя кардааст, чопи хеле зебои гаронарзиши зарҳалӣ дорад. Дар қоби зебои он Суруди миллии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикиву русӣ ҳаккокӣ шудааст.

Дигар дар бораи ин китоб маълумот нашр нашуд. Расонаҳои русӣ, аз ҷумла РИА "Новости" навиштанд, ки "Тоҷикон" рисолаи дастҷамъии силсилаи "Народы и культуры" аст, ки аз ҷониби Институти этнология ва антропология ба номи Н. Н. Миклухо-Маклай (ИАЭ РАН) аз соли 1992 ба ин ҷониб нашр мешавад.

Тибқи иттилои сомонаи институти номбурда, дар ин силсила то имрӯз 28 китоб нашр шуда, дар он дар бораи 111 миллат маълумоти илмӣ оварда шудааст. Силсилаи мазкур таҳти назари академик Валерий Александрович Тишков нашр шуда, он ҷойгузини силсилаи машҳури "Мардумони ҷаҳон" аст, ки дар замони шуравӣ нашр мешуд.

"Тоҷикон" яке аз рисолаҳои бунёдӣ ва бузургҳаҷми ин силсила аст. Он аз 1005 саҳифа иборат буда, зери назари се муаррихи маъруфи русу тоҷик - бостоншинос, антрополог, доктори илми таърих, профессор Дубова Надежда Анатолевна, доктори илми таърих, профессор Насрулло Каримзода Убайдулло ва антрополог Зуҳро Мадамиджонова нашр шудааст. Маводи онро олимони русу тоҷик аз Институти этнология ва антропология ба номи Н. Н. Миклухо-Маклайи Академияи илмҳои Русия ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ дар ҳамкорӣ таҳия кардаанд.

Китоби мазкур маводи таърихӣ, этнографӣ, демографӣ ва антропологӣ оид ба халқи тоҷик аст. Дар он маълумоти боэътимод дар бораи пайдоиш ва ташаккули халқи тоҷик, ҷойгиршавӣ, усули зиндагӣ, касбу пеша, манзил, либос, ғизо, маросим, одат, чашнҳо ва эҷодиёти халқи тоҷик оварда шудааст. Муаллифон харитаи махсуси ҷойгиршавии тоҷиконро бо такя ба манбаъҳои оморӣ таҳия кардаанд. Дар китоб дар бораи тоҷикони Русия ва муносибати Русияву Тоҷикистон маводи фаровон оварда шудааст.

ДУШАНБЕ БА ИДМ ҶОНИ ДУБОРА БАХШИД

(Аввалаш дар саҳ. 3)



Владимир Путин дар дидор бори аввал эътироф кард, ки падофанди Русия сабаби суқути ҳавопаймо шудааст. Владимир Путин таъкид кард, ки Русия барои сарнагун кардани паҳподи украинӣ ду мушак партоб кард, ки онҳо ба ҳавопаймои Озарбойҷон барнахӯрда, чанд метр наздик ба он таркиданд.

Ӯ гуфт, ки ба ҳавопаймои Озарбойҷон на унсурҳои ҷангии мушакӣ, балки эҳтимол пораҳои он бархӯрдааст. Аз ҳамин сабаб, ба қавли Владимир Путин, сарнишинони ҳавопаймо зарбаро мисли бархӯрд бо селаи парандаҳо тасаввур кардаанд.

Ӯ афзуд, ки ба халлабонҳои ҳавопаймо тавсия дода шуд, ки дар Махачқалъа фуруд оянд, аммо онҳо фурудгоҳи дигарро интихоб карданд.

Владимир Путин дар робита ба ин бори дигар узрхоҳӣ кард ва ваъда дод, ки Русия ба хонаводаҳои қурбониён ҷубронпулӣ пардохт карда, ба кори масъулони ин ҳодиса баҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

МУҲИМТАРИН САНАДҲО

Санадҳои муҳиме, ки дар ҷаласаи сарони ИДМ қабул гардиданд:

- Барномаи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм барои солҳои 2026-2028;

- Барномаи ҳамкории давлатҳои узви ИДМ дар таҳкими амнияти сарҳадӣ дар сарҳадҳои беруна барои солҳои 2026-2030;

- Консепсияи ҳамкориҳои низомӣ то соли 2030;

- Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва анҷом додани интиқоли назоратишавандаи байналмилалӣ ва Протоколи Конвенсия дар бораи супурдани маҳкумшудагон;

- Эъломияи ҳамкорӣ дар таъмини амнияти энержии минтақа.

Ин санадҳо барои таҳкими ҳамкориҳои минбаъдаи ИДМ дар самти ташкилию ҳуқуқӣ, ҳарбию техникӣ, иттилоотӣ ва кадрӣ барои муқовимат ба таҳдидҳо дар амнияти сарҳадҳо, ҳамчунин, таҳдидҳои гуногун (иқтисодӣ, техногенӣ, ичтимоӣ, сиёсати хориҷӣ, табиӣ ва киберӣ) равона шудаанд.

“ИДМ +” ҚАДАМИ НАВ

Яке аз муҳимтарин ташаббусҳо таъсиси формати “Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил +” мебошад, ки бо пешниҳоди Қазоқистон дар нишасти сарони ИДМ дар Душанбе қабул гардид. Он платформа имкон медиҳад, ки кишварҳои ИДМ бо дигар давлатҳо, иттиҳодияҳои онҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкорӣ ба роҳ монанд. Яъне формати ИДМ густариш меёбад.

Хадамоти матбуоти Кумитаи иҷроияи ИДМ менависад, ки “ин механизм (яъне ИДМ +) имкон медиҳад, ки ҷонибҳои манфиатдор дар чорабиниҳои зери чатри ИДМ ширкат варзанд, то муколамаи сиёсӣ ва робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангию башардӯстона таҳким ёбанд.

Ҳамчунин, дар оянда ба Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) мақоми нозир дар ҷаласаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дода шуд. Ин имкон медиҳад, ки кишварҳои узви СҲШ бо ИДМ дар соҳаҳои муҳим гуфтугӯ ва ҳамкорӣ намоянд.

ҶОИЗА БА ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Дар ҷаласаи Шурои сарони кишварҳои ИДМ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо медали “Барои хидматҳо дар рушди ҳамкориҳои башардӯстона”-и Бунёди байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи ИДМ қадрдонӣ карда шуд. Ҷоизаро ба Президенти Тоҷикистон Михаил Швидкой - раиси Бунёди байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи ИДМ супорид.

НАВБАТ БА ТУРКМАНИСТОН

Соли 2025 Раёсати ИДМ ба дӯши Тоҷикистон буд. Сарони кишварҳои ИДМ ба раёсати Тоҷикистон баҳои баланд доданд. Соли 2026 бошад, раёсат ба Туркманистон гузашт. Ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои ИДМ моҳи октябри соли 2026 дар Туркманистон баргузор хоҳад шуд.



ФОРУМ

13-уми октябри соли равон дар шаҳри Душанбе дуюмин Форуми байналмилалии “PLASS-Форум Digital Tajikistan” бо иштироки беш аз 1000 нафар намояндагони ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ, мақомот ва коршиносони соҳаи рақамисозӣ баргузор гардид.

ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Душанбе мизбони дуюмин форуми байналмилалӣ



Чорабинӣ бо дастгирии Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда, ба масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ ва инфрасохтори муосири молиявӣ бахшида шуд.

Дар форум намояндагони сохторҳои давлатӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла муовини якуми директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон Ҳаким Исмоилзод, сардори Хадамоти алоқа Исфандиёри Саъдулло, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сирочиддин Икромӣ, ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон Парвати Рамасвами, директори иҷроияи Шурои тиҷоратии Амрико ва Тоҷикистон Елена В. Сон-Ла-Рокко, директори Маркази идоракунии лоиҳаҳои ҳукумати рақамии Ӯзбекистон Анвар Мансуров ва дигар меҳмонон ширкат ва суханронӣ намуданд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сирочиддин Икромӣ изҳор дошт, ки имрӯз рақамикунонӣ дигар танҳо як воситаи технологӣ нест, балки ба пояи устувории иқтисод, шаффофияти низоми молиявӣ ва самаранокии давлатдорӣ табдил ёфтааст. Бонки миллӣ, ҳамчун танзимгари низоми бонкӣ, дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, солҳои охир барои таҳкими қонунгузорӣ, рушду тавсеаи инфрасохтори пардохт ва татбиқи технологияҳои муосир тадбирҳои муассирро роҳандозӣ намудааст.

Дар ин замина, Стратегияи рушди низоми пардохт барои солҳои 2015-2025 ва Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 таҳия ва амалӣ шуда, ба сутуни асосии сиёсати молиявии кишвар табдил ёфтаанд.

Тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ низ қадами муҳим дар рушди иқтисоди рақамии кишвар арзёбӣ мешавад. Тамоми пардохтҳои давлатӣ ва хизматрасониҳои музднoки давлатӣ танҳо тариқи ғайринақдӣ анҷом дода мешаванд. Ин иқдом ба татбиқи сиёсати шаффоф ва самараноки молиявӣ дар Тоҷикистон такони ҷиддӣ бахшида, ба сӯи иқтисоди рақамии муосир роҳ мекушояд.

Ҳамчунин, зикр гардид, ки Бонки миллии Тоҷикистон соли 2025 ба марҳилаи нави инноватсионӣ ворид гардида, таваҷҷуҳи бештар ба рушди инфрасохтори пардохт, густариши фарогирии молиявӣ ва таҳкими эътимоди ҷомеа равона хоҳад кард.


Тоҷикистон солҳои охир дар соҳаи рақамисозӣ, аз ҷумла дар самти ташаккули ҳукумати электронӣ, татбиқи низоми миллии пардохт ва рушди технологияҳои молиявӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Ёдовар мешавем, ки ҳадафи асосии баргузории чунин форумҳо фароҳам овардани фазои муколама ва ҳамкорӣ байни давлатҳо, коршиносон, ширкатҳои хусусӣ ва созмонҳои байналмилалӣ баҳри рушди устувори иқтисоди рақамӣ дар минтақа мебошад.


Усмон РАҲИМЗОДА

ДУ ТОҶИКИСТОНӢ

дар рӯйхати Беҳтарин олимони ҷаҳонии соли 2025



ҲАР СОЛ ДАР МОҲИ СЕНТЯБР ДОНИШГОҲИ СТЕНФОРД, ЯКЕ АЗ БОНУФУЗТАРИН ДОНИШГОҲҲОИ ҶАҲОНӢ РЕЙТИНГИ 2 ДАРСАДИ БЕҲТАРИН ОЛИМОНИ ҶАҲОНӢ (WORLD'S TOP 2% SCIENTISTS)-РО ТАРТИБ МЕДИҲАД. ДАР СОЛИ 2025 ТАНҲО ДУ НАФАР ТОҶИКИСТОНӢ ТАВОНИСТАНД БА ИН РӮЙХАТ ВОРИД ШАВАНД - ПРОФЕССОРОН МАХСУД САИДАМИНОВ ВА ФАРУХ ШАРОПОВ.



ШАРОПОВ ФАРУХ САФОЛБЕКОВИЧ 6-уми июни соли 1976 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Ӯ соли 1998 факултети химияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси химиёгар-муҳандис бо дипломи аъло хатм намудааст. Солҳои 1999-2002 дар аспирантураи Институти химияи ба номи В. И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳсил намуда, соли 2002 рисолаи номзадии худро дар мавзуи "Равғани атрии Hyssopus seravshanicus ва ҷазби он дар гилхокҳои бентонитии Тоҷикистон" аз рӯйи ихтисоси 02.00.04 - Химияи физикӣ таҳти роҳбарии д.и.х., профессор Куканиев М. А. ва д.и. фарм., профессор Халифаев Д. Р. ҳимоя намудааст. Солҳои 2003-2005 дар вазифаи ходими калони илмӣ ва солҳои 2005-2012 ҳамчун ходими пешбари илмии Институти химияи ба номи В. И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият намудааст. Солҳои 2016-2018 дар кафедраи технологияи дорусозии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино фаъолият намудааст. Аз соли 2019 то ҳол дар вазифаи ходими калони илмии Муассисаи илмию тадқиқотии "Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ"-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият менамояд. 2-юми октябри соли 2025 дар мавзуи «Омӯзиши химиявии метаболитҳои дуюми растаниҳои равғаниатридор тавассути усули хроматографияи газӣ - масс спектрометрӣ» аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ рисолаи докторӣ ҳимоя кардааст.

Мувофиқи маълумоти пойгоҳи Scopus, ба ҳолати 14.10.2025 Шаропов Фарух муаллифи 105 мақолаи илмӣ буда, мақолаҳояш 6881 маротиба иқтибос шудаанду шохиси Ҳиршаш ба 40 баробар аст.

Ӯ дар рейтинги 2 дарсади беҳтарин олимони ҷаҳонӣ аз соли 2021 ворид шуда, дар ин муддат мавқеаш аз 338 657 то ба 169 165 дар соҳаи химия боло рафтааст.

Дар зерсоҳаи химияи доруворӣ ва биомолекуллавӣ бе назардошти худиқтибософарӣ дар мақоми 692 қарор дорад.

МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲИЯИ РЕЙТИНГ

Муаллифи ин рейтинг профессор Ҷон П. А. Иоаннидис шуруъ аз соли 2019 ҳар сол нишондиҳандаҳои илмсанҷии олимонро таҳлил карда, номи олимонеро, ки дар соҳаи худ аз ҳама бештар иқтибос мешаванд, муайян мекунад. Ба ин рейтинг бештар аз 100 ҳазор нафар донишманд ворид мешаванд.

Рейтинги мазкур дар асоси додаҳои пойгоҳи Scopus (Elsevier) таҳия шуда, аз сафҳаҳои корбарии ҳар як муаллиф барои лаҳзаи то 1-уми августи соли 2025 маълумоти илмсанҷӣ, аз қабили миқдори мақолаҳо, миқдори ҳаммуаллифон, адади иқтибосҳо, солҳои нашр гирифта мешаванд.

Олимон ба 22 соҳаи асосии илм ва 174 зерсоҳаҳои илмӣ мувофиқи таснифоти Science-Metrix ба гурӯҳҳо ҷудо карда шуда, дар асоси ду нишондиҳанда баҳогузорӣ мешаванд: career-long (тамоми солҳои фаъолияти илмӣ) ва single-year (иқтибосҳо дар як соли муайян).

Ҳангоми тартиб додани рейтинг чунин нишондиҳандаҳо ба назар гирифта мешаванд:

• *Nc (non-self citations) - шумораи иқтибосҳо ба мақолаҳои олим, бе ҳисоби худиқтибосоварӣ.*

• *h-index, яъне шохиси Ҳирши олим дар асоси маълумоти Scopus.*

• *Нишондиҳандаҳои омехта (composite indicators / c-score) - ин нишондиҳандаҳое аст, ки якчанд қисм (мисли иқтибосҳо, нақши муаллифӣ (authorship position), ҳаммуаллифӣ ва дигар омилҳо)-ро муттаҳид мекунад, ки бо мақсади муайян намудани таъсири илмии олим истифода мешавад.*

• *Нақши омилҳои ҳаммуаллифӣ (co-authorship adjustment): ба мақолаҳое, ки бо шумораи зиёди ҳаммуаллифон навишта шудаанд, саҳми ҳар як олим бар асоси мақоми ӯ дар рӯйхат (яъне аввалин, охирин ва ғайра) ва шумораи ҳаммуаллифон ба ҳисоб гирифта мешавад.*

• *Ҳангоми таҳияи рейтинг, вариантҳои "бо ва бе худиқтибосоварӣ" (with self-citations / excluding self-citations) низ дида мешаванд, то таъсири иқтибосҳои худӣ ё манфии оморӣ кам карда шавад.*

Пас аз ҳисоб ва тартиб додан, олимон бо роҳи зерин ба гурӯҳи Top 2 % дохил карда мешаванд:

1. Аввал, олимон бо Composite c-score (бо ва бе иқтибосҳои худ) ба тартиб оварда мешаванд ва 100,000 олим бо баландтарин c-score - бурҷи аввалин - интихоб мешаванд.

2. Дар зерсоҳаҳои хурд, олимоне, ки дар 2 %-и паш (percentile ⩾ 98 %) қарор доранд, «Top 2 %» эътироф мешаванд.

3. Дар натиҷа, рӯйхати 2 дарсади беҳтарин олимон дар ду шакл таҳия карда мешавад: career-long ва single-year.

4. Дар ин рӯйхат махсусан ба он олимоне, ки дар ҳар давраи фаъолияташон нишондиҳандаҳои баланд доранд ва таъсири бештар ба илм расонидаанд, бештар аҳамият дода мешавад.

МАҚОМИ РЕЙТИНГ ДАР ҶОМЕАИ ИЛМИИ ҶАҲОНӢ

Рейтинги 2 дарсади беҳтарин олимони ҷаҳонӣ (World's Top 2% Scientists) яке аз нишондиҳандаи бонуфуз ва машҳури арзёбии фаъолияти олимон буда, дар кишварҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ чун нишони эътибор ва эътироф дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф мешавад. Хабарҳое, ки баъди нашри рейтинг дар сомонаҳои муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо нашр мешаванд, гувоҳи ин гуфтаҳоянд.

Олимон дар сомонаҳои шахсии худ ва дар маълумотномаҳо натиҷаҳои ин рейтингро меоранд, ки нишонаи муваффақияти онҳо ва саҳмашон дар илм ба ҳисоб меравад.

ТОҶИКОН ДАР РЕЙТИНГИ БЕҲТАРИН ОЛИМОНИ ҶАҲОНӢ

Хушбахтона, дар ин рейтинг ду нафар донишманди тоҷик дар соҳаи химия ворид шудаанд - профессорон Махсуд Саидаминов ва Фарух Шаропов.

САИДАМИНОВ МАХСУД ИСМАТБОЕВИЧ соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи профессор Исматбой Саидаминов ба дунё омада, дастпарвари Литсейи №1-и шаҳри Исфара мебошад, ки бо номи Абдулҳафиз Азизов машҳур аст. Ӯ роҳбари илмии Canada Research Chair Tier II дар самти маводи функсионалии пешрафта ва устоди кафедраи химиёи Донишгоҳи Викторияи Канада буда, хатмкардаи Донишгоҳи ба номи Ломоносови шаҳри Маскав (ҳам маълумоти олӣ дар солҳои 2005-2010 ва ҳам аспирантура, 2010-2013), солҳои гуногун постдоктор дар KAUST ва олими даъватӣ дар Massachusetts Institute of Technology ва устоди Донишгоҳи Торонто буд. Махсуд Саидаминов чандин бор аз тарафи Clarivate Analytics ҳамчун олими сериқтибостарин ва аз тарафи Research.com ситораи тулӯъкунандаи илм эътироф гаштааст.

Мувофиқи маълумоти пойгоҳи Scopus, ба ҳолати 14.10.2025 Махсуд Саидаминов муаллифи 170 мақолаи илмӣ буда, мақолаҳояш 24 886 маротиба иқтибос шудаанду шохиси Ҳиршаш ба 69 баробар аст.

Ӯ дар рейтинги 2 дарсади беҳтарин олимони ҷаҳонӣ аз соли 2020 ворид шуда, дар ин муддат мавқеаш аз 38 158 то ба 18 750 дар соҳаи технологияҳои стратегӣ боло рафтааст.

Дар зерсоҳаи илми нано ва нанотехнология бе назардошти худиқтибософарӣ дар мақоми 630 қарор дорад.

ХУЛОСА

Илм хусусияти ҷаҳонӣ дорад ва бо як ё ду кишвару муассиса маҳдуд намешавад. Бинобар ин, олимони моро зарур аст, ки таҳқиқоти худро дар маҷаллаҳои бонуфуз ва эътирофшуда нашр кунанд, то дигарон аз онҳо бохабар шаванд, истифода кунанд ва иқтибос оранд. Ин кор мавқеи кишвари моро дар арсаи ҷаҳонӣ боло бурда, имкон медиҳад, ки сафи олимони мо дар рейтингҳои гуногуни ҷаҳонӣ афзоиш ёбад.

Ризои БАҲРОМЗОД,
корманди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

ИМТИЁЗҲО *барои* МУАЛЛИМОН

дар асоси Қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор», ки 15.10.2025 Парлумони Тоҷикистон қабул кард

НАВЪИ ИМТИЁЗ / КАФОЛАТ	МАЗМУН ВА ТАВЗЕҲ	МОДДАИ ҚОНУН
Кафолати фаъолияти озоди касбӣ	Давлат фаъолияти омӯзгорро озод ва мустақил эътироф мекунад; муассиса шароити зарурӣ (маводи таълимӣ, воситаҳои техникӣ ва ғайра) фароҳам меорад.	Мод. 8, қисми 1
Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо аз ҷониби давлат	Омӯзгор аз дахолати ғайрисоҳавӣ, таҳқир ва фишор ҳифз мешавад; танҳо мақомоти соҳаи маориф ҳақи санҷиш доранд.	Мод. 8,қисми 2; Мод. 10
Муоинаи тиббӣ ва хизматрасонии солимгардонӣ	Давлат муоинаи тиббӣ ва хизматрасонии тиббии ройгонро барои омӯзгор таъмин мекунад.	Мод. 8, қисми 3
Имтиёзҳо барои омӯзгорони деҳот	Таъмини манзил, ҷудо кардани қитъаи замин бе навбат, пардохти иҷора аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ.	Мод. 8, қисми 4
Озод аз пардохти андози замин	Омӯзгорони муассисаҳои давлатӣ аз пардохти андози замин озод мебошанд.	Мод. 8, қисми 5
Кафолати музди меҳнат ва рухсатӣ	Пардохти саривақтии маош ва маблағи рухсатӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад; батаъхиргузорӣ ва нигоҳдории ғайриқонунӣ манъ аст.	Мод. 8, қисми 6
Манъи талаб намудани маблағҳои ғайриқонунӣ	Аз омӯзгор барои обуна, корҳои ободонӣ, чорабиниҳо ё хариди мавод маблағ талаб кардан манъ аст.	Мод. 8, қисми 6; Мод. 11, б.11
Пардохти роҳкиро барои курсҳо ва сафарҳо	Муассиса роҳкиро ва харочоти хизматиро барои курсҳои такмили ихтисос пардохт мекунад.	Мод. 8, қисми 7
Ҳавасмандгардонии давлатӣ ва соҳавӣ	Омӯзгорон бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз мегарданд.	Мод. 9, қисми 1
Озмуни “Омӯзгори намунавӣ”	Ҳамасола гузаронида мешавад; ғолибон аз лиҳози моддӣ ҳавасманд мегарданд.	Мод. 9, қисми 2
Иловапулӣ барои дараҷа ва унвонҳои илмӣ	Ба дорандагони дараҷа ва унвонҳои илмӣ 30% иловапулӣ пардохт мешавад.	Мод. 9, қисми 3
Иловапулӣ барои дастовардҳои шогирдон	Агар шогирдон дар озмуну олимпиадаҳо ҷой гиранд, омӯзгор 20% иловапулӣ мегирад (барои як сол).	Мод. 9, қисми 4
Ёрии молиявӣ барои хизматрасониҳои коммуналӣ	Ҳамасола маблағ ба андозаи як нишондиҳандаи ҳисобӣ пардохт мегардад.	Мод. 9, қисми 5
Имкони идомаи кор пас аз нафақа	Омӯзгор метавонад пас аз нафақа низ фаъолияташро идома диҳад.	Мод. 5, б.18
Ба таъхир гузоштани хизмати ҳарбӣ	Дар давраи фаъолияти омӯзгорӣ хизмати ҳатмии ҳарбӣ ба таъхир гузошта мешавад.	Мод. 5, б.12
Ҳуқуқ ба иттифоқи касаба	Омӯзгор метавонад узви иттифоқи касабаи соҳа барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳо бошад.	Мод. 5, б.14; Мод. 11, б.17
Таъмини манзил ва замин барои омӯзгорони сафарбаршуда	Барои омӯзгороне, ки аз шаҳр ба деҳот мераванд, манзил ё иҷорапулӣ таъмин карда мешавад.	Мод. 11, б.14
Музди меҳнати иловагӣ барои сарбории изофӣ	Агар омӯзгор берун аз сарбории асосӣ дарс диҳад, иловапулӣ мегирад.	Мод. 11, б.12
Пешбурди афзалиятнок ба мукофотҳои давлатӣ	Омӯзгорон барои мукофотҳои давлатӣ ба таври афзалиятнок пешниҳод мешаванд.	Мод. 11, б.18
Таҳсилоти дуюми ройгон дар равияи омӯзгорӣ	Омӯзгор дар муассисаи давлатии таҳсилоти олӣ метавонад таҳсилоти дуюми омӯзгориро ройгон гирад.	Мод. 12, қисми 2

РАДИКУЛИТ

Аз фоидаи сирпиёз то зарари гӯшт



БО САР ШУДАНИ МАВСИМИ САРДӢ ҲОЛИ ОДАМОНЕ, КИ БАНДУ БУҒУМҲОЯШОН ЯГОН ИЛЛАТ ДОРАНД Ё ШАМОЛ КАШИДААНД, ТАБОҲ МЕГАРДАД. ВАҚТЕ ШАХС СОЛХӮРДА АСТ, ТАБОБАТАШ БА МАРОТИБ ДУШВОРТАР ХОҲАД БУД, ЗЕРО БО РАФТАНИ УМР ЗАХИРАИ КАЛСИЙ ВА ДИГАР МОДДАҲО ДАР ҶИСМИ ИНСОН КАМ ШУДА, БАНДУ БУҒУМ ВА УСТУХОНҲО ТОРАФТ ЗАИФ МЕШАВАНД. ХУШБАХТОНА, ТИБИ МАРДУМИИ МО КОНЕСТ, КИ АЗ ОН БА ҲАМА ДАРД ДАВО ЁФТАН МУМКИН АСТ. ТАБИБИ МАРДУМӢ САДРИДДИНШОҲ НАСРИДДИНШОЕВ ДАР ИН МАВРИД ЧАНД ТАВСИЯРО МАНЗУРИ ХОНАНДАГОНИ “ТОҶИКИСТОН” МЕКУНАД.

Якум. Ду қошуқ аз пӯдинаи боғӣ ва ду қошуқ шибити хушкро бо гули бобуна ҳамроҳ карда ҷӯшонед ва оби онро якистаконӣ дар як рӯз чанд маротиба бинӯшед, алафашро бошад, ҷаббида, ба маҳали дард баста хоб равед. Шумо метавонед ҳамчунин рӯянро хушк карда, дар ҳован, яъне уғурак нарм кӯфта, бо равғани кунҷид хамир карда, ба ҷойҳои дардманди поятон бандед.

Дуюм. Як миқдор сирпиёз (чеснок)-ро аз турбтарошак гузаронед ва ба он ду баробар зиёдтар равғани кофур илова намуда, ба миён ва ҷойҳои дардманди пойҳоятон молед. Сирпиёз барои радикулит давои бехтарин аст ва ба зудӣ шуморо аз ин дарди ҷонкоҳ наҷот мебахшад. Дар баробари ин, ҳар саҳар як дона сирпиёз хӯред. Аз бӯйи бадаш натарсед. Аз болои чеснок чанд дона барги ҷаъфарӣ, яъне петрушкаро хоида фурӯ баред, бӯйи бадро нест мекунад.

Сеюм. Баргҳои дарахти чормағзро дар як литр об муддате ҷӯшонед ва дар ванна резед ё дар тағора андохта, пойҳоятонро дар даруни ин оби давобахш 10-15 дақиқа нигоҳ доред.

ТАЪКИД!

Агар шифо ёфтан хоҳед, аз хӯрдани баъзе ғизоҳо парҳез кардан лозим меояд. Кӯшиш кунед, ки то гум шудани дард гӯшти гов, махсусан ҷигар нахӯред. Гӯшти моҳӣ, нахӯду лӯбиёву мағзи дона ва ғизоҳои сахту тезу тундро низ ба шумо тавсия намедиҳем.



ГАЙМОРИТ

онро тиби халқӣ муолиҷа мекунад?

Тиби халқӣ барои бемории гайморит, ки дар фасли сармо авҷ мекунад, чанд даворо ба воситаи гиёҳҳову растаниҳо пешниҳод мекунад.

Якум. Баргҳои каланхоеро майда реза карда, дар бинӣ мечаконем, то сар шудани атса меқапем. Баъд аз ин кор атсаҳои пай дар пай пайдо мешаванд ва баробари он зардоби бинӣ ва қисмати пешонӣ кам мешавад. Агар ин тарзи муолиҷаро 7 рӯз давом диҳед, гайморит нест мешавад.

Дуюм. Якқошуқчагӣ асал, сода, равғани офтобпарастро якҷоя карда, пахта ё докаро дароз печонида, ба андозаи бинӣ тампон тайёр мекунем. Ва онро дар маҳлули таёркаршуда тар карда, дар сӯрохиҳои бинӣ мегузорем. Он то 20 дақиқа бояд дар бинӣ истад. Баъди 3 ё 4 курси муолиҷа ҳамаи риму зардобҳо мерезанд.

Сеюм. 600 грамм асалро бо 350 грамм шарбати алоэ ва майи сурх якҷоя карда, 5 рӯз дар ҷойи торик нигоҳ медорем. Ин даворо рӯзе се маротиба дар як рӯз, пеш аз хӯрок истеъмол мекунем. Ин тарзи муолиҷа ҳатто гайморити музминро низ даво мебахшад.

Тақвими

Ҳамал
21.03 - 20.04

Давоми ҳафта нисбати асбобҳои техникӣ ва фанноварихои ҷадид таваҷҷуҳи хоса пайдо мекунед. Соҳаи зеринро хубтар омӯхта, дар касбу кор муваффақ шуда метавонед.

Савр
21.04 - 21.05

Давоми ҳафта хабарҳои хуби зиёд мешунавед. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, муваффақ мегардед. Дар ҷодаи касбу кор низ пешниҳоди ачиб мегиред. Тавлиди фарзанд дар оила ё ҳомила шудани яке аз наздикон имконпазир аст.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Дар ин ҳафта ба шумо кореро пешниҳод мекунанд, ки чавоби рад дода наметавонед. Корҳои худро ба таъхир нагузоред, вақти амал кардан аст. Худро аз доираи нафарони дурӯя канор гиред. Захмат кашиданатон хуб аст, вале он набояд ба саломатӣ зарар расонад.

Саратон
22.06 - 23.07

Давоми ҳафта дар ҷои аввал мушкилоти оилавиро гузоред, мушкилоти корӣ бояд дуюмдараҷа бошанд. Дар давоми ҳафта ба муноқишаву низоъ роҳ надиҳед. Нафарони муҷаррадро лозим аст, ки аз шиносоиҳои нав наҳаросанд.

Асад
23.07 - 22.08

Миёнаи ҳафта дучори бахиливу ҳасад ва рақобати шадид мегардед, ки ба ҳолати руҳиятон бе таъсир намемонад. Танҳо кумаку дастгирии шахси бароятон наздик шуморо аз ҳолати ногувор бароварда, бадхоҳонро аз сари роҳатон дур месозад.

Сунбула
23.08 - 22.09

Даврае фаро мерасад, ки бояд қобилиятҳои ташкилотчӣ будани худро нишон дода тавонед. Нисбати саломатии наздикон бодиққат бошед, эҳтимол онҳо ба кумаки шумо ниёз пайдо мекунанд. Муваффақият худ ба худ ба даст намеояд, амал бояд кард.

Мизон
25.09 - 22.10

Атрофиён аз кӯшиш ва ҷидду ҷаҳди шумо барои ба мақсад расидан чунон ба ваҷд меоянд, ки кумаки худро дареғ намедоранд. Миёнаи ҳафта даромади пулӣ ва қаноатмандии роҳбариятро ба даст меоред. Миёнаи ҳафта нисбати ғизои истеъмолмекардаи худ бодиққат бошед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Тағйироти мусбат дар касбу кор боиси беҳтар гардидани вазъи молиявиатон мегардад. Ба хабаргирии наздикони худ равед, шумо нисбати онҳо бемеҳр шудаед. Эҳтимол шумо дар интихоби дӯстдоштаатон ба иштибоҳ роҳ дода бошед.

Қавс
25.11 - 21.12

Нафарони муҷаррад гирифтори ғаму парешонҳолӣ мегарданд. Сабаб дар он аст, ки шумо ба худ эътимод надоред ва хеле гаправ ҳастед. Ба худ эътимод карданро омӯзед, он гоҳ зиндагиятон ранги дигар мегирад. Хабарҳои хушеро, ки миёнаи ҳафта мешунавед, ба касе нагӯед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҳар ҳодисаи ба саратон омадаро ҳамчун фоҷиа қабул накунед. Беҳтараш моҳирона аз ҳолатҳои ногувор баромаданро омӯзед. Бо наздикони худ муноқиша накунед, рӯзҳои наздик ба кумаку дастгирияшон ниёз пайдо мекунед.

Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта якрангу дилбазан оғоз ёбад ҳам, баъдан дар хонаву ҷойи кор хеле серкор мешавед. Рӯзи чоршанбе пешниҳоди нави корӣ мешавад ё нафаре қарзашро бармегардонад. Пулро дарҳол сарф накунед, рӯзҳои наздик мушкилоти молиявӣ сар мезананд.

Ҳут
20.02 - 20.03

Аз рӯзи душанбе сар карда, ба назаратон чунин менамояд, ки тамоми ҷаҳон бар зидди шумо аст. Муноқиша дар ҷойи кор, бад шудани вазъи саломатӣ ва мушкилоти пулӣ ҳолатонро табоҳ месозад. Зукомро дар сурати сари вақт табобат кардан ба зудӣ бартараф месозед.

МАСТОН ШЕРАЛӢ - ШОИРИ ШЕЪРҲОИ ОФТОБӢ

Беватан нест ғарибе,
ки кунад ёди Ватан,
Дар Ватан будаи бе ёди
Ватан беватан аст.



Ин шоҳбайт ва дигар абёти ноби шоири тавоною навпардози тоҷик, зиндаёд Мастон Шералӣ дар тантанаҳое, ки дар шаҳри Панҷакент ба ифтихори 90-солагии ӯ бо ибтикори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳри Панҷакент баргузор шуд, вирди забони иштирокчиёни он - намояндагони аҳли адабу фарҳанги ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳр буд.

Ҷашнвораи Мастон Шералӣ наҳуст дар зодгоҳи шоир - деҳаи Зери Ҳисори деҳоти Рӯдакӣ, бо гулгузорӣ дар пояи муҷассамаи ӯ дар саҳни муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52, ки номи ӯро дорад, ифтитоҳи хона-музейи шоир ва баргузории маҳфили адабию фарҳангӣ оғоз шуд.

Дар ҳузури ҳамдиёрони шоир ва аҳли адабу фарҳанг раиси шаҳр Абдухолиқ Холиқзода ҷашнвораи шоирро бо таъкиди ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти муосири тоҷик, таҷлили 90-солагиаш, ки дар заминаи сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мешавад, ифтитоҳ намуд.

Муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа, Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким, адабиётшинос, доктори илми филология, профессор Абдунабӣ Сатторзода дар бораи вижагиҳои ашъори Мастон Шералӣ, навпардозии ӯ дар шеъри солҳои 60-у 80-уми садаи бист сухан карда, ба дастандаркорони таҷлили 90-солагии ӯ изҳори сипос намуданд.

Зимнан, ба ифтихори таҷлили ҷашнвораи шоир бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр, саҳмгузории соҳибкори муваффақ Абдушафеъ Ҳоҷиев, фарзанди шоир Парвиз Мастон, сокинони деҳа муассисаи таълимӣ таъмиру таҷдид шуда, саҳни он бозсозӣ гардида, хона-музейи шоир ва толори варзишӣ бунёд карда шуд.

Ҳамчунин бо маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр мунтахаби ашъори шоир бо номи “Боли парвозам, Ватан” дар нашриёти “Хуросон”-и шаҳри Хуҷанд ба табъ расид ва ба меҳмонону иштироокчиёни ҷашни шоир тақдим карда шуд.

Ҷашнвораи шоир бо зиёрати оромгоҳи Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯд, баргузории конфронси илмию амалӣ таҳти унвони “Мастон Шералӣ - шоири шеърҳои офтобӣ” дар Кохи Лоиқ ва маҳфили фарҳангии “Боли парвозам, Ватан” дар Кохи фарҳанги шаҳр ба номи Олим Бобоев идома ёфт.

Раиси шаҳр, намояндаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, директори китобхонаи оммавии вилоятии ба номи Тошхоҷа Асирӣ Баҳром Мирсаидов, шоирону адабиётшиносон аз нақшу ҷойгоҳи Мастон Шералӣ, мавзуҳои ашъори шоир, ки дӯст доштани Ватан, тараннуми бузургию шаҳомати он дар меҳвар қарор дорад, вижагиҳои ҳунари шоирӣ ва шахсияти нотакрори ӯ, навовариҳо дар мазмуну муҳтавои шеъри муосири тоҷик, ки баъдан дар ашъори Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон густариш ёфт, сухан карданд.

Барномаи фарҳангию ҳунарӣ, ки аз сурудҳо бар ашъори Мастон Шералӣ, сухангӯию шеърхонии шоирону олимон, ҳунарнамоии санъаткорон ва рақсҳои ҷолиб иборат буд, ба иштирокчиёни ҷашнвора таассуроти амиқ боқӣ гузошт ва хотираи ин шоири тавоно, ватансаро ва навпардозро дар дилу дидаи ҳамдиёрон зинда гардонид.

Бобо СОЛЕҲЗОДА,
ш. Панҷакент

МУҶАССАМАИ ҲОФИЗ ДАР ХОНАИ ДЕҲҚОН

Агар дар хонаи тоҷик тамоми
чиз ночиз буд,
Ба ҳар гаҳвора Ҳофиз буд
ё Девони Ҳофиз буд...
Агар бо номи Ҳофиз мешудӣ дар
хонаи тоҷик,
Баногаҳ қаср мешуд аз карам
вайронаи тоҷик.





Ин шеъри устод Муъмин Қаноат баёнгари он аст, ки мардуми тоҷик ба шоири бузург Ҳофизи Шерозӣ ишқу алоқаи хосе доранд, вале тасаввур кардан душвор аст, ки ин муҳаббат ба ҳадде бошад, ки як деҳқон дар манзили зисташ муҷассамаи Ҳофизро гузорад... ва он ҳам дар яке аз деҳаҳои дурдасти Бадахшон.

12-уми октябр Рӯзи бузургдошти Ҳофизи Шерозӣ - шоири бузурги тоҷику форс буд. Дар ин рӯз аҳли илму фарҳанг ва ҳазорон нафар аз ҳаводорони сухани ҷовидонаи Ҳофиз назару мехрномаҳои худро дар матбуот ва шабакаҳои интернет нашр карданд.

Вале наворе, ки рӯзноманигори шинохта Абдулқодир Талбаков аз Бадахшон нашр кард, ҳамагонро лол намуд. Рӯзноманигор зимни сафараш ба деҳаи Рини ноҳияи Ишкошим бо муҷассамаи Ҳофиз вохӯрд. Ин муҷассамаро сокини ин деҳа, марди деҳқон ва шахси рӯшандил Ғуломусайнов Гулмаҳмад аз сари муҳаббати бекораш ба Ҳофиз дар даромадгоҳи хонаи худ гузошта буд. Ӯ худаш муҷассамаи Ҳофизро аз семент сохтаву девори берунии ҳавлии худро ба лавҳи бузургдошти Ҳофиз табдил дода, бо абёти Ҳофиз оростааст.

Дар деҳаи бисёр дурдаст. Ҳудуди 600 километр дуртар аз пойтахт. Марди деҳқон, бе ҳеҷ маълумоти оливу донишгоҳӣ! Вале аз табори асил, аз хонаводаи фарҳангдӯст, бо дили бедор, бо гурдаи бузург!

Гарчи ин муҷассама ва ин лавҳа аз гилу аз сементи одист, аммо ин пайкараи тилоии меҳру муҳаббат аст.

МАВЛУДНОМА

16 ОКТЯБР

Иржи Бечка (1915-2006), 110-солагии зодрӯзи шарқшиноси чех, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Акбар Маъруфов (1950), 75-солагии зодрӯзи журналист.

Икромҷон Неъматов (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника, профессор.

Раҳим Тошматов (1930-2001), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

17 ОКТЯБР

Михаил Бобоев (1930-1986), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Муҳараммаи Давлат (1940), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Тошбой Куганов (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Амина Маликова (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

18 ОКТЯБР

Бӯрӣ Султонов (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Мунаввара Усмонова (1950), 75-солагии зодрӯзи наттоқи ТВ, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

19 ОКТЯБР

Исмоил Атабеков (1905-1989), 120-солагии зодрӯзи журналист.

Лутфӣ Обидхӯҷа (1890-1957), 135-солагии зодрӯзи шоир.

Вячеслав Фалин (1935), 90-солагии зодрӯзи рассом.

Барот Шокиров (1940-1998), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

20 ОКТЯБР

Эгами Нарзуллои Валӣ (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Набӣ Носиров (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор.

Саидбег Сатторов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

21 ОКТЯБР

Палла Завқибеков (1930-2003), 95-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Евгения Зелнер (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Григорий Кутсер (1925-2002), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Иван Минаев (1840-1890), 185-солагии зодрӯзи этнографи рус, муҳаққиқи этнографияи тоҷикони болооби Ому ва Афғонистон.

22 ОКТЯБР

Зулайхо Бӯрибоева (1940), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Ӯктам Тӯраев (1950-2009), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Михаил Ярошевский (1915-2001), 110-солагии зодрӯзи доктори илми психологӣ, профессор.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дипломи №ВСВ 1976871, рақами бақайдгирӣ 1284, ки аз санаи 08.06.2006 аз ҷониби Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (славянӣ) ба номи Хоҷиева Зумрат Муҳаммадовна дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №22243, ба номи Пиров Мирмаҳмад, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Ҳосилот, соли 2010, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №549000, аз санаи 24.06.1991 ба номи Мирзовафоев Аким Мирзосалмонович, ки аз ҷониби омӯзишгоҳи №30-и ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Эълони дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон", №41 (1654), дар таърихи 08.10.2025, оид ба гум шудани сертификати ҳуқуқи истифодаи замин Дараҷаи А №0028018, рақами қайд №1390, аз 03.10.2016, ба номи Рауфов Сорбон Азаматович, ш. Ҳисор, ҷамоати деҳоти Хонақоҳи кӯҳӣ, деҳаи Кафшдӯзон чопшуда аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Хоҷаев Кахор Саторович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Н. Муҳаммад, хонаи 66, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Амонов Хушвахт, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Б. Ғафуров, х. 42, ҳ. 22, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ №0272363, рақами қайд №1310, ба номи Зияев Зоирҷон Абдурашидович, ки соли 2023 аз ҷониби ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Хайдаров Нурмамад Муродович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, к. Гурминҷ Завқибеков 68, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии хона ба номи Баҳромова Дилбар Иброҳимовна, ки дар суроғаи кӯчаи Борбад 120, ҳуҷраи 23 воқеъ аст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХЎРАД

► ҶДММ "Регар Сохтмон", РЯМ: 0710008805, РМА: 070015417, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.


КОР МЕҶӮЯМ

► Дояи меҳрубон ва ботаҷриба! Фарзанди шуморо дар хонаи тозаву бароҳат ва бехатари худам нигоҳубин мекунам. Кори шабонарӯзӣ, тифлакони синну солашон гуногунро қабул мекунам. Занг занед: 003-88-15-73

МЕФУРӮШАМ

► Ҳавлӣ, 3 дар хона, 65 м.м., 2 сот. замин, тамоми шароит дар даруни хона муҳайё аст, ҳуҷҷатҳояш 100%, обу барқ доимӣ, дарову зиндагӣ кун, ҳавлӣ хезонида намешавад (сносу не подлежит), 7 км., к. Айнӣ 307, паҳлуи Автодром, 300 метр аз роҳи калон. Тел.: 985-95-00-28

► 4-ҳуҷрагӣ, 75 м.м., қабати 2, бинои 4-ошёна, дорои балкон, ҳолаташ хуб, бо тамоми шароиташ, бо мебел, оби гарм, таҳхонаи рафдори иборат аз 2 ҳуҷра, ҳавличаи дарахтони мевадор ва танӯри нонпазӣ, қубури об, баллони гази дар ҳавлича насбшуда хонаро бо газ таъмин мекунад. Профсоюз, байни Прокуратураи генералӣ ва м/с "Пайкар", 880 000 сомонӣ (93 000 у.е.). Тел.: 989-153-604, 989-143-894



ҶОМИ ҶАҲОН-U-17

МАРКО РАҶИНӢ - МЕЪМОРИ ОЯНДАИ ФУТБОЛИ ТОҶИК

Мураббии итолиёвӣ Марко Раҷинӣ моҳи марти соли 2024 сармураббии дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон таъйин шуд. Таҳти роҳбарии ӯ даста ба Ҷоми ҷаҳонии футбол байни наврасони то 17-сола, ки моҳи ноябри соли 2025 дар Қатар баргузор мешавад, роҳҳат гирифт.



Мураббии итолиёвии тими мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17) Марко Раҷинӣ дар бораи роҳ, фалсафа ва ҳадафи аслии худ - баровардани футболбозони навраси Тоҷикистон ба зинаи нави футболи ҷаҳонӣ дар як мусоҳиба бо FIFA нақл кард. Дастаи ӯ бо роҳҳат ба Ҷоми ҷаҳонии соли 2025 аллакай як қадами муҳим гузоштааст ва ҳоло барои ракобат бо Иёлоти Муттаҳида, Чехия ва Буркина Фасо дар Қатар омодагӣ мегирад.

Вақте сармураббии итолёвии 57-сола аз Сан-Марино дар баҳори соли 2024 бо Федератсияи футболи Тоҷикистон шартнома баст, ӯ як ибораеро ба забон оварда буд, ки тамоми фаъолияти ӯро дар Душанбе муайян мекунад: “Ман ба ин чолиш омодаам ва ваъда медиҳам, ки мо ба Ҷоми ҷаҳонии футбол меравем”.

Ба ваъда вафо карда шуд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё-2025, ки дар Арабистони Саудӣ баргузор шуд, дар гурӯҳи “D” бар Уммон (2:1) ва Эрон (3:1) пирӯз шуда, дар даври чаҳорякниҳоӣ аз Куриёи Ҷанубӣ дар пеналтӣ (2:2, 3:5) шикаст хӯрд ва мақоми аввалро касб кард. Ин барои дарёфти роҳҳат ба Ҷоми ҷаҳонии футболи наврасони то 21-сола дар Қатар дар соли 2025 кифоя буд, ки пас аз муваффақиятҳои солҳои 2007 ва 2019 сеюмин дар таърихи футболи тоҷик аст.

Дар мусоҳиба бо FIFA Раҷинӣ иқрор шуд, ки дастааш як сафари душворро паси сар кардааст, аммо маҳз тавассути ҳамин мушкилот хислати қаҳрамонҳои оянда ташаккул ёфт: «Ҳатто пас аз бохт дар зарбаҳои пеналтӣ мо нишон додем, ки Тоҷикистон қодир аст бо дастаҳои пурқуввати Осиё бозӣ кунад. Мо як ҳарифи заиф нестем, мо рақибем, ки сазовори эҳтиром ҳастем».

Мураббии итолёвӣ на танҳо бар натиҷаҳо, балки бар эҷоди нигариши ҳирфаӣ нисбат ба футбол низ таъкид дорад: "Ман кӯшиш мекунам ҳама чизеро, ки медонам, ба бозигарон расонам. Ҳама бояд дарк кунанд, ки футболбоз будан фақат ба майдон баромадан нест. Ин тарзи зиндагӣ, аз ғизо сар карда то барқароршавӣ, таҳлили видеоӣ, интизом ва ғайра аст. Ҳама чиз муҳим аст".

Роҳи Раҷинӣ беназир аст. Хатмкардаи академияи маъруфи мураббигии итолиёвӣ дар Коверсиано, ӯ дар баробари Роберто Бачо, Паоло Малдинӣ ва Фабио Каннаваро таҳсил кардааст. Аммо ӯ ба ҷои бошгоҳҳои бароҳати итолиёвӣ роҳҳои душвор - Сан-Марино, Ҷумҳурии Чех, Словакия, Литва, Конго, Нигерия, Муғулистон, Малайзия ва ҳоло Тоҷикистонро интихоб кардааст: "Ман аз мушкилот лаззат мебарам. Ман кор карданро дар ҷойҳое дӯст медорам, ки футбол ҳоло ҳам дар ҳоли рушд аст. Барои ман инкишоф додани хислат муҳим аст, бояд истеъдодҳоро парвариш кунам ва ба бозигарони ҷавон имкони орзу карданро фароҳам орам".

Раҷинӣ сохтори тамрини тими наврасони Тоҷикистонро барои ба ҳадаф ноил шудан ислоҳ кард. Ҳар бозӣ муфассал таҳлил карда мешуд ва мураббиҳо усули бозиро ба ҳарифони муайян мувофиқ мекарданд. Натиҷаи ин футболи динамикӣ ва интеллектуалӣ буд, ки ба даста комёбӣ оварда ва дар байни элитаи футболи наврасони Осиё ҷой гирифт. "Ман мехоҳам, ки бозигарони ман дар майдон на танҳо дастурҳоро ичро кунанд, балки фикр кардан ҳам тавонанд. Қуввааи воқеӣ дар фаҳмидани бозӣ аст",- таъкид мекунад Раҷинӣ.

Тими Тоҷикистон дар Ҷоми ҷаҳонии соли 2025 дар Қатар дар гурӯҳи I бо тимҳои Иёлоти Муттаҳида (8-уми ноябр), Чехия (5-уми ноябр) ва Буркина Фасо (11-уми ноябр) бозӣ мекунад. Рақибон пурқувватанд: Иёлоти Муттаҳида дорои инфрасохтор бо миллиардҳо доллар аст; Ҷумҳурии Чех кишварест, ки таърихи бой ва чеҳраҳои маъруфе чун Недвед, Чех ва Роситски дорад; Буркина Фасо намояндаи мактаби рушдкунандаи футболи африқоист. "Мо як кишваре ҳастем, ки тақрибан даҳ миллион аҳолӣ дорад. Иёлоти Муттаҳида як қитъа аст, Ҷумҳурии Чех ва Буркина Фасо ҳар кадом 30 миллион аҳолӣ доранд. Аммо мо аз ҳеҷ кас наметарсем. Мо рақибони худро эҳтиром мекунем, аммо ба худамон ҳам бовар дорем",- қайд кардааст Раҷинӣ.

Барои Раҷинӣ бозӣ кардан дар Ҷоми ҷаҳонӣ қуллаи фаъолияти ӯст. Вай ҳиссиёти худро дар бораи ба даст овардани натиҷа пинҳон намедорад: "Ҳадафи ман аз гурӯҳ баромадан аст. Агар ин корро анҷом диҳем, мо тамоми мухлисони тоҷик ва тамоми кишварро шод мекунем".

Аммо ҳамон тавре, ки натиҷа барои ӯ муҳим аст, Раҷинӣ аз имкони ба ҷаҳониён нишон додани симои нави футболи тоҷик илҳом мегирад: "Мо се-чор бозигар дорем, ки омодаанд ба бошгоҳҳои бузург гузаранд. Барои онҳо Ҷоми ҷаҳонии футбол имкони ном баровардан аст. Бовар дорам, ки онҳо дар Қатар худро нишон хоҳанд дод".

Бо роҳбарии Раҷинӣ бозигарони ҷавон муносибати худро бо футбол дигар карданд: ҳоло касбият, масъулияти дастаҷамъона ва эътиқод ба ҳадафи умумӣ дар ҳайати тими миллӣ ҳукмфармост. Вай зудзуд такрор мекунад: «Футбол 90 дақиқа нест, 24 соат дар шабонарӯз аст».

Имрӯз Раҷинӣ на танҳо мураббӣ, балки меъмори ояндаи футболи тоҷик шудааст. Ибораи ӯ бо номи "Ман мехоҳам ба Тоҷикистон имкони орзу карданро бидиҳам" ба шиоре табдил ёфтааст, ки бозигаронро дар саросари кишвар руҳбаланд мекунад.

ҶОМИ ОСИЁ

ДУ ПИРӮЗИИ ТОҶИКИСТОН БАР МАЛДИВ БО САРМУРАББИИ НАВ



Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон бо роҳбарии сармураббии нав Горан Стеванович дар доираи даври чоруми марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи «А» бо дастаи мунтахаби Малдив ду бозӣ анҷом дод ва пирӯз шуд.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар нахустин бозии худ муқобили Малдив, ки рӯзи 9-уми октябр дар Ҳисор баргузор шуд, бо ҳисоби 2:0 пирӯз гардид. Голҳоро Шаҳром Самиев ва Шервонӣ Мабатшоев заданд. Бозии дуюм 14-уми октябр дар Варзишгоҳи миллии шаҳри Мале баргузор шуд, ки футболбозони тоҷик бо ҳисоби 3:0 ғолиб омаданд. Дар ин бозӣ Шервонӣ Мабатшоев ду гол зад. Як гол дигарро Манучеҳр Сафаро ба ҳадаф расонд.

Дар бозии дигари ин гурӯҳ дастаи Филиппин бар Тимори Шарқӣ бо ҳисоби 2:1 пирӯз шуд. Ҳамин тавр баъд аз чор давр дастаи мунтахаби Филиппин бо 10 имтиёз дар зинаи якум ҷой гирифт. Тоҷикистон низ 10 имтиёз дорад, аммо бо далели таносуби тӯбҳо дар зинаи дуюм аст.

Бозии ояндаи дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар сафар бо дастаи Тимори Шарқӣ аст. Ин дидор 18-уми ноябр дар шаҳри Дарвини Австралия баргузор мешавад. Сипас, вохӯрии охирин бо дастаи Филиппин соли оянда, рӯзи 31-уми март дар Душанбе баргузор хоҳад шуд.

РЕЗААХБОР



Дар кишвари Миср мусобиқаи байналмилалии куштии тарзи озоди «Ibrahim Moustafa» баргузор шуд. Дар қатори паҳлавонони маъруф намояндаи Тоҷикистон Айаал Белолюбский дар вазни 57 кг ҳамаи ҳарифонашро мағлуб карда, сазовори нишони тило шуд.

***

Аз 18 то 22-юми октябр дар шаҳри Хуҷанд Чемпионати бокси Тоҷикистон баргузор мешавад. Дар мусобиқа беҳтарин муштзанҳои кишвар дар вазнҳои 48 кг, 51 кг, 54 кг, 57 кг, 60 кг, 63,5 кг, 67 кг, 71 кг, 75 кг, 80 кг, 86 кг, 92 кг, +92 кг ва бонувон дар вазнҳои 48 кг, 50 кг, 52 кг, 54 кг, 57 кг, 60 кг, 63 кг, 66 кг, 70 кг, 75 кг, 80 кг, +81 кг ширкат мекунанд. Муштзанҳоро дастаҳои Душанбе-1, Душанбе-2, ВМКБ, Хатлон-1, Хатлон-2, Суғд ва ШНТМ ба мусобиқа меоранд.

***

Эҳтимол дорад Ҷоми ҷаҳонии футбол, ки бояд зимистони соли 2034 дар Арабистони Саудӣ баргузор шавад, ба таъхир гузошта шавад. Сабаб ин аст, ки моҳи Рамазон ба моҳҳои ноябр ва декабри соли 2034 рост меояд. Дамои ҳаво дар Арабистони Саудӣ дар ин фасл метавонад то ба +52 дараҷа расад. Он пештар бо қарори FIFA ҶҶ-2022 аз 20-уми ноябр то 18-уми декабри соли 2022 дар Қатар баргузор шуда буд.

***

Паҳлавонони тоҷик дар мусобиқаи Aktau Asian Open 2025, ки рӯзҳои 11-12-уми октябр дар шаҳри Оқтови Қазоқистон баргузор шуд, ширкат карданд. Инҳо Акбаралӣ Кенҷаев, Рамзиддин Азизов (ҳарду дар вазни то 60 кг), Умар Шеров (-66 кг), Фазлиддин Садриддинзода, Суннатулло Саидзода (ҳарду - 73 кг), Бахтиёр Бозоров, Ҷаҳонгир Юсуфов (ҳарду - 81 кг), Абдулаҳад Маҷидов (- 90 кг), Акмал Муродов ва Муҳсин Малаев (-100 кг) буданд, ки соҳиби нишон нашуданд.



КИРМИ ЧУН СОҲИБАШ ДОНО

Мундонӣ чанд дона себ аз боғи худаш ба ҷойи кор оварда. Ҳамкорон яктогӣ таксим карда хӯрданду хеле таърифу тавсиф карданд, аммо яке аз онҳо як дона себи дукафонро нишон дода, гуфт:

- Ин себро бинед, зоҳиран айбе надорад, аммо дохилашро кирм ба пуррагӣ хӯрдааст. Мехоҳам бипурсам, ки ин кирм чаро аз ҷойи ба чашм ноаён дохили ин себ даромада, фақат мағзашро хӯрдааст?

Мундонӣ гуфт:

- Кирм нахостааст, ки ба соҳибаш зарар шавад. Ин аст, ки аз ҷойи номаълум бо хеле эҳтиётқорӣ вориди себ шуда, фақат мағзашро хӯрдааст.

- Харидор зарар бинад, боке нест-а?,- пурсид ҳамкор.

- Кирм медонад, ки харидор 1 ё 2 кило себ мехарад ва он қадар зарар намебинад,- гуфт Мундонӣ.- Аммо агар вай як тонна себро хӯрад, соҳибаш хонахароб мешавад. Кирм инро намехоҳад.

- Кирми себатон ранги соҳибаш доно будааст,- гуфт ҳамкор бо ханда.

ЯК МОҲИ БЕАЙНАКӢ

Мундонӣ баъди бозгашт аз рухсатӣ ба муоинаи навбатии духтури чашм рафт. Духтур баъди ташхис гуфт:

- Муборак шавад ҷаноб, чашматон хеле беҳтар шудааст. Худатон инро ҳис кардед?

Гуфтам:

- Як моҳи рухсатӣ умуман аз айнак истифода набурдам.

- Оҳо, зӯр ку,- гуфт духтур бо қаноатмандӣ ва пурсид:

- Яъне, як моҳ бе айнак хондаву навиштед?

Мундонӣ бо ханда гуфт:

- Як моҳ на китобе хондаму на чизе навиштам, бинобар ин, ба айнак зарурат надоштам.

Зиёдтар дузд

Кунҷкове аз Мундонии ҳамадон пурсид:

- Мардеро бо дуздии миллионҳо сомонӣ пули буҷа боздошт ва баъди чанде озод карданд. Мантиқ қуҷост?

Мундонӣ гуфт:

- Хоҳӣ, ки камтар шинӣ, зиёдтар дузд, мантиқаш ҳамин аст.

ГУРӮҲИ БЕСОҲИБ

Дар оғози соли таҳсил Мундонӣ аз мудире хоҳиш кард, ки барояш чанд соат дарс ҷудо кунад ва ё гурӯҳеро ба ӯ вобаста намояд, ки бо онҳо кор кунад.

Мудир узр пурсида, гуфт:

- Ҳама дарсҳо тақсим шуданд. Гурӯҳи бесоҳиб намонд.

Иттифоқан Мундонӣ дар берун чанд талабаеро дид, ки ба бозӣ машғуланд. Ба онҳо ишора карда, ба мудир гуфт:

- Гурӯҳи бесоҳиб будааст ку!

ЗЕРИ ПОШНА

Мундонӣ ба яке аз дӯстони сезанааш худро тавсифкунон гуфт:

- Шумо 3 зан доред. Офарини ман, ки бо як зан зиндагӣ дорам.

- Офарини шумо не, офарини янга ки, шуморо тайи пошнаи туфлӣ кардаасту шумо зани дигар гирифта наметавонед,- гуфт бо киноя он дӯст.

- Янгаатон калӯш мепӯшад, калӯши бепошна,- гуфт фавран Мундонӣ. - Шумо худро эҳтиёт кунед, ки 3 туфлипӯш доред, туфлиҳои пошнадор.

- Аз туфлӣ калӯш вазнинтар,- гуфт бо тамасхур ӯ.- Пошнаи туфлӣ холигӣ дорад, зераш пинҳон шудан мумкин, аммо таги калӯш, ки шудед, ягон илоҷаш нест.

- Пас, чӣ кор кунам?,- пурсид Мундонӣ.

Бо ханда гуфт:

- Лаббай гуфта гардед.

Х. ҶУМЪАЗОДА

СУХАНИ ОХИРИН

Марде ба дӯсташ:

- Дар хонаи мо сухани охиринро ман мегӯям.

Дӯсташ:

- Масалан, чӣ мегӯӣ?

- Хуб шудааст!

ГАЗ

Бемор аз духтури табобатиаш хоҳиш мекунад:

- Доктор, илтимос ҳамин ҳампалатаи маро, ки худашро мотосикл тасаввур мекунад, аз ин ҷо дафъ кунед!

Доктор:

- Ба шумо ғавғояш намефорад?

Бемор:

- Не духтур, ихроҷи газҳояш!

ХАМЁЗА

Зан ба шавҳар:

- Вақте ки бо ту гап мезанам, метавонӣ хамёза накашӣ?

Шавҳар:

- Ман хамёза накашидам! Кӯшиши ягон гап гуфтанро мекунам!

ЗАН

Писар аз падар мепурсад:

- Дада, чаро занҳо нисбати мардҳо умри дароз мебинанд?

Падар:

- Зеро онҳо зан надоранд!

БЕНЗИН

Аз суҳбати ду рафиқ:

- Тасаввур мекунӣ, бензин ду баробар қимат шудааст!

- Ту акнун пиёда мегардӣ?

- Не, гурусна мегардам!

ИЗҲОРИ МУҲАББАТ

Духтар ба дӯстдоштааш:

- Чаро ту ба ман изҳори муҳаббат намекунӣ?

Ҷавон:

- Ҷонам, соат сеи шаб аст, охир!

Духтар:

- Хайр чӣ? Магар соати 3-и шаб ту маро дӯст намедорӣ?

ЧОЙ

Фарзандон ба падар мегӯянд:

- Дада, хонаамонро дузд задааст!

Падар:

- Чойникро ҳам дуздидаанд?

Фарзандон:

- Не.

Падар:

- Як чой дам кунед!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

